
ТИЛОИ АБДУЛЛОИ ОРИФ АЗ TASHKENT GRAND SLAM с. 15

МУФТӢ: ДАР ЗЕРИ ЧАРОҒАК ХАЙР НАКУНЕД! с. 2

ЗЕҲНИ СУНЪӢ ДАР НИЗОМИ АНДОЗИ ТОҶИКИСТОН с. 5

ТОҶИКИСТОН

№ 9 (1674), 4.03.26 — Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якҷост! — Оғози нашр соли 1992



ПАС АЗ ХОМАНАЙ

ҷанг, қудрат ва ояндаи Эрон



ДАР ИН ШУМОРА:

РОҒУН
Аморот 100 млн доллар қарз медиҳад с.2

НИГАРОНӢ
Чаро нархи гӯшт гарон аст? с.5

ПЕШГӮЙӢ
Нархи хӯрока боз гарон мешавад с.4

АБУЛҚОСИМ ЛОҲУТӢ
Дасти мадад ба Зиёдулло Шаҳидӣ с.6

РИСОЛАТИ ТАЪРИХШИНОС
дар пешбурди Конуни тамаддуни ориёӣ с.11

ММТ
Оғози бақайдгирии довталабон с.7

КАНЗИ ШИФО
Ду роҳи осони харобшавӣ с.12

ВАРЗИШ
Бозигарони тоҷик дар клубҳои хориҷӣ с.15

МАҶМААИ ИСТИҚОМАТИИ
«БУЛЬВАР СКАНДИНАВИЯ»

Sebiston

кӯч. Панҷрӯд, маҳ. 91/92

› **Маҷмаа аз рӯйи лоиҳаи скандинавӣ - тарҳи мухтасар, фасадҳои равшан ва ҳавлиҳои бароҳат сохта мешавад.**

› **Маҷмаа дар марҳилаи аввали сохтмон қарор дошта, бунёди он бомаром идома меёбад.**

› **Сохтмон 3 сол идома меёбад.**

› **Барои харидорон пешпардохти қулай вуҷуд дорад, интихоби табъи дили худро барои зиндагии бароҳат имрӯз кунед.**

Телефони шуъбаи фурӯш:
(+992) 122-122-122



ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР,
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

Матлубаҳон САТТОРИЁН,
Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон

Шералӣ КАБИР,
Вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон

Қобилҷон ХУШВАҲТЗОДА,
президенти АМИТ, академик

Муҷибаҳон ҶАВҲАРӢ,
раиси Кумита оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатии Мажлиси намояндагони Мажлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дилбар ОДИЛЗОДА,
муовини раиси шаҳри Душанбе

Заробиддин ҚОСИМӢ,
Сардори ҳадамоти матбуотии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,
Раиси Шурои уламои Тоҷикистон

Носирҷон САЛИМӢ,
академик

Гулсифат ШАҲИДӢ,
нависанда

Рафоэл НЕКТАЛОВ,
Сармуҳаррири рӯзномаи The Bukharian Times

Иноят ИНОЯТОВ,
ҳуқуқшинос

Одил НОЗИР,
муҳаррир

Усмон РАҲИМЗОДА,
муҳаррири сомонаи pressa.tj

Фирдавс САТТОРОВ,
сахифабанд

Хафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст. Дар хафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи хафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Хафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Хафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
227-19-95
tojikiston@pressa.tj

ШУҲБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88,
238-61-61
ads@rg.tj

ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО
918-66-82-64,
221-41-11

ТЕЪДОДИ НАШР:
33 000 нусха.

АМОРОТИ МУТТАҲИДАИ АРАБ «РОҒУН»-РО ДАСТГИРӢ МЕКУНАД

Амороти Муттаҳидаи Араб ба Тоҷикистон барои идомаи сохтмони НБО “Роғун” 100 млн доллар қарз медиҳад. Ин маблағ аз ҷониби Фонди Абу-Забӣ оид ба рушд ҷудо шуда, фоизи солонааш 2,5% мебошад ва бояд дар муддати 17 сол баргардонида шавад.

Ҳачми қарз, ба гуфтаи вазири молияи Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода, 376,3 млн дирхам буда, тақрибан баробар ба 100 млн доллар мебошад.

Созишномаи қарзӣ дар шаҳри Дубай ба имзо расида, барои маблағгузории лоти 2-и НБО “Роғун” пешбинӣ шудааст. Дар мачмуъ, барои таъмини молиявии бунёди НБО “Роғун” бо донорҳои байналмилалӣ созишномаҳо ба маблағи 812 млн доллар ба имзо расидаанд, ки аз онҳо 462 млн доллар қарз ва 350 млн доллар грант мебошад.

ШУРОИ УЛАМО: ДАР ЗЕРИ ЧАРОҒАКҲОИ РОҲНАМО ҒИЗО ТАҚСИМ НАКУНЕД!

Шурои уламои Маркази исломии Тоҷикистон аз шаҳрвандон ва афроди хайрхоҳ даъват кард, ки аз тақсими ғизо ва садақа дар зери чароғакҳои роҳнамо ва сари роҳҳои серодам худдорӣ намоянд.

Ба таъкиди ин ниҳоди динӣ, харчанд нияти чавонон ва шахсони саховатпеша дар лаҳзаҳои ифтор нек аст, аммо чунин тарзи кумак боиси банд шудани роҳҳо ва эҷоди мушкил барои дигар рӯзадорон мегардад. Тибқи иттилои Шурои уламо, ҳангоми тақсими обу ғизо бе ронандагон ва мусофирон дар зери чарогакҳо харакати наклиёт суст шуда, танбашавии тўлонӣ ба вучуд меояд. Дар натича, садҳо нафаре, ки онҳо низ рўзадор хастанд, наметавонанд сариваҳт ба ифтори хонаводагӣ расанд.

Дар изҳорот зикр шудааст, ки Ислом дини низом ва эҳтиром ба ҳуқуқи дигарон буда, мувофиқи аҳкоми шариат амале, ки ба дигарон азият мерасонад, савоби комил надорад.

Аз ин рӯ, Шурои уламо аз ҳамватанон хоҳиш кардааст, ки хайру садақоти худро тибқи талаботи шариати исломӣ ва дур аз риё ба оилаҳои камбизоат, пиронсолони танҳо, шахсони бемор ва дигар ниёзмандон пешниҳод намоянд.

НАВРӮЗИ ИМСОЛА 5 СОАТ ДЕР ФАРО МЕРАСАД

Имсол Наврӯз 20-уми март, соати 19:45:53 ба вақти Душанбе фаро мерасад.

Анвар Бӯризода, директори Институти астрофизикаи Академияи илмҳо ин ҳодисаро “таҳвили сол” унвон додааст.

“Мавз дар ҳамин лаҳза маркази қурси Офтоб дар ҳаракати зоҳирии худ аз нимкураи ҷанубии осмон ба нимкураи шимолӣ мегузарад ва нуктаи буриши масири Офтоб (эклиптика, доират-ул-буруҷ) ва хати истивои осмон (экватор)-ро нуктаи эътидоли баҳорӣ меноманд”,- гуфт Бӯризода.

Соли 2025 дар Тоҷикистон Наврӯз санаи 20-уми март, соати 14:01:25 бо вақти Душанбе фаро расида буд, вале имсол нисбат ба соли қаблӣ 5 соат дертар фаро мерасад.



$2,9 МИЛЛИАРД САҲМИ БОР ДАР РУШДИ ТОҶИКИСТОН

4-уми март Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон Президенти Бонки Осиёии Рушд Масато Кандаро ба ҳузур пазируфт.

Саркори давлат Масато Кандаро ба муносибати интихоб шуданаш ба мансаби Президенти Бонк табрик гуфта, ташрифи наҳустини мавсуфро ба Тоҷикистон нишонаи таваччухи махсуси ин ниҳоди молиявӣ ба таҳкими ҳамкории дарозмуддати ҷонибҳо арзёбӣ намудааст.

“Дар ҷараёни суҳбат ба сатҳи кунунии ҳамкорӣ ва сахми Бонк дар татбиқи ҳадафҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон баҳои баланд дода шуд. Таъкид гардид, ки Бонки Осиёии Рушд яке аз шарикони асосии кишвари мо ба шумор рафта, давоми солҳои ҳамкорӣ барои татбиқи зиёда аз 200 лоиҳа ба маблағи умумии 2,9 миллиард доллар саҳм гузоштааст”,- иттилоъ медиҳад ҳадамоти матбуоти Президенти Тоҷикистон.

Президенти Бонки Осиёии Рушд Масато Канда, пас аз мулоқот бо Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон эълон кард, ки бонк барои татбиқи Стратегияи нави шарикӣ барои солҳои 2026–2030 қариб 1,1 миллиард доллари ИМА ҷалб хоҳад кард. Масато Канда таъкид намуд, ки маблағ барои дастгирии бахшҳои калидии иқтисодиёти Тоҷикистон, аз ҷумла рушди устувор, инфрасохтор, баланд бардоштани рақобатпазирии миллӣ, беҳтар намудани хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва таъсиси ҷойҳои нави кор равона мешавад.

САРИ САБЗ



Абдунабӣ САТТОРЗОДА, донишманди тоҷик, профессор

- Ҳоли адабиёти мо, агар аз инсоф нагузарем, чандон бад нест, вале, албатта, такмил ва рушди бештаре мехоҳад... Ман, ки пешаи адабиётшиносӣ ва нақдро интихоб намудаам, номи шоирone, ки дӯсташон медорам, бо зикри як ду ном ба охир намерасад.

- Ин тавр бошад, номи шоиронеро, ки дӯст намедоред, зикр намоед, устоди азиз. Ҳам рӯйхати номи шоирон зуд ба охир мерасад ва ҳам мушаххас мегардад, ки адабиётамон чӣ қадар рушд мехоҳад.



Мавзунаи ОРЗУ, кахрамони асосии “Муҳтоҷи бахт”

- Мо мехостем, ки “Муҳтоҷи бахт” ҳадди ақал як сол идома кунад, аммо чунин нашуд, зеро лоиҳа аз ҷиҳати молиявӣ пуштибонӣ набуд. Паёми асосии филм ин аст, ки сабр меваи ширин дорад ва ҳар касе, ки сабр мекунад таслим намешавад, дар ниҳоят ба пирӯзӣ мерасад.

- Хаҳаҳаҳ, паёми мисли паёми филмҳои ҳиндӣ будааст ку! Мешавад, ки барои кумак якбора ҳам ба яғон ширкати филмофарии Ҳиндустон ва ҳам барои силсилафилм шуданаш ба туркҳо мурочиат намоед.



Бахтиёр ДАВЛАТМУРОДОВ, омӯзгори Донишгоҳи Кайзаси ИМА

- Аз кӯдакӣ дар олимпиадаҳои фанни забони тоҷикӣ ғолиб омадаам. Аз методика ва грамматикаи забони тоҷикӣ ҳуб огоҳам. Ҳатто хоҳаркалонам, ки ҳуд забоншинос аст, аз ман хоҳиш мекард, ки барои навиштани матни аз ҷиҳати грамматикӣ бехато бароям кумак кунам.

- Офарин, ки дар як донишгоҳи машҳури ғайритоҷикӣ забони тоҷикӣ меомӯзонед. Хоҳаркалонатон доираи маҳдуд аст. Беҳтараш ба забоншиносон дар ҳалли қазияи ҳарфҳои “у” ва “ӯ” кумак расонед.

ПАС АЗ ХОМАНАЙ

ҷанг, қудрат ва ояндаи Эрон

Ҷанги Исроилу Амрико алайҳи Эрон тасодуфӣ набуд. Он дар тӯли солҳои зиёд тадриҷан тарҳрезӣ шуд ва дар пасманзари рақобатҳои геополитикӣ пухта расид. Ҳарчанд коршиносон ҳушдор медоданд, ки ҷанг бо Эрон метавонад паёмадҳои бисёр хатарнок дошта бошад, вале иродаи сиёсӣ барои ҷилавгирӣ аз он пайдо нашуд. Дар натиҷа, минтақа ба гирдоби рӯйдодҳое кашида шуд, ки бештар саҳнаҳои як филми даҳшатноки фоҷиаборро мемонанд.



ҲАМЛА БА ЭРОН

Ҳуҷум ба Эрон дар ҷаридаи таърих ҳамчун рӯзи сиёҳ сабт гардид. На ба он далел, ки ҳамлаи низомӣ сурат гирифт ва роҳбари кишвар, Пешвои маҳзабии шиаҳои дунё Оятуллоҳ Сайид Алии Хоманай ҳамроҳ бо аҳли хонавода ва тақрибан чихил нафар аз мақомдорони баландпоя кушта шуд, балки ба ин хотир, ки дар пайи зарба ба як мадрасаи духтарона 160 нафар муҳассилини он ба ҳалокат расиданд.

Ин рӯйдод на танҳо талафоти сангини сиёсӣ, балки фоҷиаи бузурги инсонӣ ба бор оварда ва дар зеҳни чомеа ҳамчун яке аз сахифаҳои дардноки таърихи муосир нақш баст ва мардуми Эронро атрофи роҳбарони имрӯзи кишвар муттаҳид сохт.

Ҳамла ба Эрон дар шароите оғоз ёфт, ки роҳбарияти олии кишвар ҳудро дар фазои нисбатан амн эҳсос мекард. Зеро дар он рӯзҳо суханони сарони ИМА Доналд Трамп ва Исроил Бинямин Нетаняҳу бештар дар бораи идомаи гуфтушунид мерафт. Музокироти пешакӣ дар Уммон ба натичаҳои муайян расида буд ва интизор мерафт, ки даври нави музокироти ҷонибҳо дар рӯзҳои наздик баргузор гардад.

Аммо маҳз ҳамин фазои умеди дипломатӣ ба як дом табдил ёфт. Оятуллоҳ Сайид Алии Хоманай ва доираи наздики ӯ ба чунин зарбаи ногаҳонӣ омода набуданд ва амалан ҳофилгир шуданд. Дар ҳамин шароит ҷониби Эрон бо ҷалби чехрахои калидии низомӣ ҷаласаи машваратӣ баргузор кард.

Дар он нишаст шахсиятхои мухими сиёсӣ ва низомӣ иштирок доштанд: Алӣ Шамхонӣ, вазири дифъ Амир Носирзода, Муҳаммад Пакпур, Абдуррахим Мусавӣ, Муҳаммадризо Ғарӣ Оштиёнӣ, Муҳаммад Шерозӣ, Ҳусейн Ҷабал Амелӣ, Солех Асадӣ ва Аҳмадризо Родон. Аъзои хонаводаи Оятуллох Алии Хоманай низ дар он қарорғох ҳузур доштанд.

Маҳз дар ҳамин лаҳза бомбаи махсусе, ки барои нобуд сохтани бунгоҳҳои зеризаминӣ пешбинӣ шудааст, ҳадафмандона ба ин нуқта партофта шуд. Зарба замоне зада шуд, ки чехрахои марказии қабули қарорҳои сиёсӣ ва низомӣ дар як ҷо ҷамъ омада буданд ва ҳудро дар як қарорғоҳи ба назари онҳо комилан бехатар эҳсос мекарданд.

Оятуллоҳ Сайид Алии Хоманай дар он ҳамла ҷон бохт. Эҳтимол тарҳрезони ин амалиёт бар он буданд, ки аз байн рафтани ӯ чомеаи Эронро ба нооромӣ мекашад ва пояҳои ҳокимияти оятуллоҳоро суст мекунад ё фурӯ мерезад.

Аммо таҳаввулоти баъдӣ нишон дод, ки вокеият ба таври дигар шакл гирифт. Ба ҷойи фурӯпошии фаврӣ, кишвар ба марҳилаи нави ҳамбастагӣ ва бозсозии сохтори қудрат ворид шуд. Илова бар ин, ин рӯйдод боис гардид, ки ахли маҳзаби шиаи чаҳон бештар дар атрофи Эрон муттаҳид шаванд ва онро ҳамчун маркази рамзии муковимат ва ҳувияти маҳзабӣ дастгирӣ кунанд. Шиаҳои минтақа чиҳод эълон карданд, шиаҳои чаҳон гуфторашонро ҳамоханг ва ба симфонияи ягона мубаддал сохтанд. Шумораи онҳо кам нест, мувофиқи маълумоти Маркази таҳқиқотии Пю, ки дар шаҳри Вашингтон чойгир аст, шумораи онҳо ба 300 000 000 (сесад миллион) мерасад.

ЧӢ РУХ ДОД?

Бино ба гузоришҳои расонаҳои байналмилалӣ, 28-уми феврали соли 2026 оғози марҳалаи нави низоъ гашт. Исроил эълон кард, ки ба Эрон барои “пешгирӣ” зарба задааст. Баъдтар маълум гардид, ки ин амалиёт муштарак буда, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ба он шарик аст. Марги Сайид Алии Хоманай вокунишҳои сахт ба миён оварда. Эрон ба зарбаҳои чавобӣ гузашт. Ҳамлаҳо на танҳо ба самти Исроил, балки ба нуқтаҳое дар кишварҳои Халич, ки бо пойгоҳҳо ва инфрасохтори Амрико вобастаанд, сурат гирифтанд. Аллакай аз рӯзи сеюми ҷанг бисёре аз нозирон ин амалиётро якдафъаина не, балки оғози ҷанги густаришёбанда арзёбӣ мекарданд.

Тибқи маълумотҳо, шумораи курбониён дар дохили Эрон ба беш аз ҳафтсад нафар расидааст. Дар Исроил, Лубнон ва баъзе кишварҳои арабии Халич низ талафот ва харобиҳо сабт шудаанд. Вале бояд гуфт, ки дар шароити ҷанг рақамҳо зуд тағйир меёбанд ва на ҳама маълумотро метавон фавран мустақилона тасдиқ кард.

ЧАРО ЧУНИН ШУД?

Аз рӯйи хронологияи нашр шуда, ин зарбаҳо баъди он рӯй доданд, ки музокироти навбатии ИМА ва Эрон оид ба барномаи хастай дар Уммон гӯё бенатича анҷом ёфт. Вале ин маълумот дақиқ набуд. Зеро аз рӯи маълумотҳо музокирот пешрафти муайян дошт ва тарафҳо бояд рӯзҳои наздик ба натича мерасиданд.

То ҳамлаҳо Вашингтон ҳузури низомии ҳудро дар минтақа тақвият медод. Ҳамзамон роҳбарияти Амрико ошкоро ишора мекард, ки агар мувофиқа ба даст наояд, аз нерӯи ҳарбӣ истифода хоҳад кард. Эрон бошад, ҳамоно иддао мекард, ки барномаи ҳастаии он хусусияти низомӣ надорад ва ҳақи ғанисозии уранро барои мақсадҳои сулҳомез мехоҳад ҳифз кунад.

ЧАРО МАРГИ ХОМАНАЙ ОҲАНГИ НИЗОЪРО ДИГАР КАРД?

Сайид Алии Хоманай на танҳо раҳбари мазҳабӣ, балки шахсе буд, ки сухани охиринро дар масъалаҳои ҷанг, сулҳ, сиёсат, амният, робита бо Амрико ва Исроил мегуфт. Аз ин рӯ, фавти ӯ бухронро аз як барҳӯрди низомӣ ба як гардиши амиқи сиёсӣ дар дохили худи Ҷумҳурии Исломии Эрон ва минтақаи Ховари Миёна табдил дод. Интизориҳои ИМА ва Исроил ба амали об дар ҳован кӯфтан табдил ёфт. Онҳо гумон доштанд қатли Сайид Алии Хоманай харчу марҷчо дар Эрон ба миён меоварад ва нерӯҳои мухолифи ба онҳо наздик аз ин вазъ истифода бурда, ба майдон мебароянд ва қудратро ба даст мегиранд. Ҳарчанд хабар доштанд, ки дар қонунҳои Эрон механизми интиқоли қудрат пешбинӣ шудааст. Аммо дар шароите, ки ҷанг идома дорад, ин гузариш хатман орому осон сурат намегирад. Баръакс, эҳтимол дорад, ки марказҳои қудрати низомӣ ва аминятӣ, бахусус Корпуси посдорони инқилоби исломӣ дар раванди баъдӣ нақши бештар бигиранд.

Аз ин вокеа як хулосаи мухим бармеояд: ҷанги имрӯз танҳо ба зерсохтҳои ҳарбӣ ё барномаҳои ҳастаии Эрон равона нашудааст. Он ҳамзамон бо муборизае барои ояндаи низоми сиёсӣ дар дохили ҳуди кишвар низ иртибот дорад.

Ба иборати дигар, дар баробари ҷабҳаи берунаи ҷанг, дар дохили кишвар низ як майдони рақобат барои қудрат вучуд дорад. Ин рақобат ба масъалаи оё низоми мавҷуда идома хоҳад ёфт ё дар он тағйироти чиддӣ ба вучуд меояд, иртибот мегирад.

Маҳз ҳамин омил вазъиятро ҳассостар месозад. Вақте кишвар ба марҳилаи гузариши қудрат ворид мешавад, ҳукуматҳо одатан мекӯшанд сахттиртар, муттаҳид ва қодир ба посухи қотеъ намудор шаванд, то ҳам рақибони дохилиро боздоранд ва ҳам ба мухолифони хориҷӣ паёми устуворӣ фиристанд.

Аз ин рӯ, эҳтимоли сахттар шудани мавқеъҳо ва густариши таниҳҳо бештар мешавад.

БА ҶОЙИ ФУРӮПОШӢ, КИШВАР БА МАРҲИЛАИ НАВИ ҲАМБАСТАГӢ ВА БОЗСОЗИИ СОХТОРИ ҚУДРАТ ВОРИД ШУД. ИЛОВА БАР ИН, АҲЛИ МАЗҲАБИ ШИАИ ҶАҲОН БЕШТАР ДАР АТРОФИ ЭРОН МУТТАҲИД ШУДАНД.

МАНТИҚИ НИЗОМИИ ТАРАФҲО

Амрико ва Исроил амалиёти худро ҳамчун қӯшиши сусткардани тавозуни ҳастай, мушакӣ ва низомии Эрон муаррифӣ мекунанд. Ба гуфтаи онҳо, зарбаҳо ба объектҳои ҳастай, низомӣ, марказҳои фармондеҳӣ ва зерсохтҳои муҳим равона шудаанд. Ҳарчанд, тибқи хабарҳои расонаҳои мухталиф, дар баробари ин вокеияти дигар низ чой доранд. Мисоли он зарба ба мадрасаи духтарона ва марги ғайри низомиён дар Эрон аст.

Эрон бошад, аз рӯйи мантиқи дигар амал мекунад. Барои Техрон бисёр муҳим аст, ки ҳатто баъди аз даст додани раҳбари олӣ ҳам тавонад чавоби дардноки дихад. Аз ҳамин сабаб зарбаҳои Эрон танҳо ба Исроил маҳдуд намешаванд. Онҳо ба кишварҳое ҳам мерасанд, ки дар онҳо низомиёни Амрико ҳузур доранд.

Бо ин рох Техрон мехоҳад нишон дихад, ки ҷанг бе ҳазинаи ҳам тавонад фақат дар дохили марзҳои Эрон нигоҳ дошт. Яъне, агар ба Эрон зарба зананд, тамоми минтақа ҳис мекунад, ки арзиши ҷанг то чӣ андоза гарон аст.

ҶАНГИ МИНТАҚАВӢ АЛЛАКАЙ ОҒОЗ ШУДААСТ

Ҳанӯз чанд соли пеш бисёрихо ҳушдор медоданд, ки ҳар гуна зарбаи мустақим ба Эрон метавонад ба ташаннучи минтақа оварда расонад. Ҳоло маҳз ҳамин сенария амалӣ шуда истодааст.

Ҳамла ба Лубнон, зарбаҳо ба кишварҳои Халич, халалдор шудани парвозҳо, тичорат ва кору зиндагии одӣ нишон медиҳанд, ки ин даргириҳо дучониба нестанд. Ҳатто агар онҳо ба ҷанги бузурги фарогир табдил наёбанд ҳам, равшан аст, ки дар чорчӯбаи муайян ва “назоратшаванда” нигоҳ доштан дигар имконнопазир аст. Яъне тарафҳо дигар наметавонанд низоъро дар сатҳи маҳдуд нигоҳ доранд. Хати сурхе, ки пештар аз убур карданашон ҳуддорӣ мешуд, акнун шиката шуд. Мушкилоти онро акнун кишварҳои халич бештар эҳсос мекунанд. Онхо солҳои зиёд худро ҳамчун минтақаи амн барои тичорат, сармоягузорӣ ва сайёҳӣ муаррифӣ мекарданд. Акнун бошад, ҷанг ба обрӯ ва устувории иқтисодии ҳамин кишварҳо низ латма мезанад.

(Давомаш дар саҳ. 4)

(Аввалаш дар саҳ. 3)

ГУЛӮГОҲИ ҲУРМУЗ ВА БУҲРОНИ ИҚТИСОДӢ

Агар омиле вучуд дошта бошад, ки битавонад чанги махдуди минтақавиро ба буҳрони фарогири иқтисодии чаҳон табдил дихад, он махз гулӯгоҳи Ҳурмуз аст. Зеро ин роҳраи танги бахрӣ яке аз муҳимтарин масирҳои интиқоли нафт ва газ ба шумор меравад.

Ҳар гуна ноамнӣ ё баста шудани он на танҳо ба киштиҳои минтақа, балки ба бозорҳои чаҳонӣ зарба мезанад, нархи энергӣ боло меравад, занчирахои таъминот халал меёбанд ва иқтисодиёти чаҳон ба такон рӯ ба рӯ мешавад.

Эрон эълон кардааст, ки онро мебандад ва ба киштихое, ки кӯшиши убур доранд, ҳамла хохад кард.

Ин масъала бисёр чиддист. Аз тарики ин гулӯгоҳ қисмати хеле муҳими нафти чаҳон ва хамчунин қисми зиёди гази моеъ интикол мешавад. Ҳатто дар муддати кӯтоҳ халалдор гаштани ҳаракат дар ин масир метавонад ба болоравии нархи нафт, гарон шудани ҳамлу накл, мушкилоти сугурта ва фишори иқтисодӣ дар бисёр кишварҳо оварда расонад.

Нишонаҳои аввалини ин аллакай дида мешаванд: қимати нафт боло рафтааст, хавф барои ҳамлу нақли бахрӣ афзудааст ва бозорҳо ба ҳолати изтироб даромадаанд. Яъне, чанги атрофи Эрон дигар фақат масъалаи амнияти минтақа нест, он ба иқтисоди чаҳон ҳуд қабул мекунад ва онро чанг алайҳи давлатдории ҳуд мехисобад.

ВОКУНИШИ ҶАҲОН

Вокунишҳои байналмилалӣ нишон медиҳад, ки чаҳон дар арзёбии ин рӯйдод муттаҳид нест. Баъзе кишварҳо зарбаҳоро маҳкум карданд ва ба оташбасу музокира даъват намуданд. Бархеи дигар бештар ба хатари ҳастай ва зарурати коҳиши даргириҳо диққат медиҳанд.

Дар хар сурат, як чиз рӯшан аст: дастгирии умумии чаҳонӣ аз мантиқи чанг дида намешавад. Ҳатто дар худи Иёлоти Муттаҳида ҳам назари ягона вучуд надорад. Агар чанг тӯл кашад, шумораи қурбониён зиёд шавад ва нархи сӯзишворӣ боло равад, фишори дохилӣ ба рохбарияти Амрико ҳам метавонад бештар гардад.

БАРОИ АРЗЁБИИ ОДИЛОНА ЧИРО БОЯД БА НАЗАР ГИРИФТ?

Дар шароити чанг хеле осон аст, ки вокеиятро бо як схемаи сода шарҳ диҳанд: як тараф пурра гунаҳкор, тарафи дигар пурра ҳақбудагон. Аммо вазъ дар асл хеле мураккабтар аст.

Амрико ва Исроил воқеан Эронро тахдиди стратегии дарозмуддат медонанд ва мегӯянд, ки амалҳои онҳо ба хотири пешгирист. Эрон бошад, ин зарбаҳоро ҳамчун тачовуз ба соҳибихтиёрии ҳам таъсири мустақим гузоштааст.



ПАС АЗ ХОМАНАЙ

ҷанг, қудрат ва ояндаи Эрон

Агар амиқтар назар андозем, мебинем, ки бахс танҳо сари барномаҳои низомӣ ё ҳастай нест. Масъалаи аслӣ ракобат барои нуфуз ва пешохангӣ дар минтака аст: кӣ дастболо бошад ва қоидахои бозиро муайян кунад.

Имрӯз Исроил талош дорад мавкеи бартарии худро дар Хобари Миёна таҳким бахшад ва худро қудрати халкунанда нишон диҳад. Аммо Эрон, бо шабакаи нуфузи сиёсию мазҳабӣ ва низомии ҳуд дар чанд кишвари минтақа, ин барномаро халалдор месозад. Аз ҳамин ҷо барҳӯрди манфиатҳо оғоз мешавад: барҳӯрде, ки бештар ба рақобати геополитикӣ монанд аст, на танҳо ихтилофи мавкеъҳои сиёсӣ.

Аз ин рӯ, хулосае бармеояд, ки чанги имрӯз дар чойи холӣ ба миён наомадааст. Ин натичаи фарсуда шудани механизмҳои бозторанда ва музокирот, талоши ба даст овардани қудрат дар минтақа аст.

Вале марги Хоманай ва миқёси зарбаҳои чавобии Эрон бухронро ба сатҳи тамоман нав баровард. Акнун арзиши ҳар иштибоҳ гарантар афтодааст.

ПЕШБИНӢ

Даргириҳо ханӯз поён намеёбанд ва эҳтимол дорад, ки ҳалли ақал чанд ҳафтаи дигар идома кунанд. Зарбаҳо ва посуххо шадид бокӣ мемонанд, аммо ҳар ду тараф талош хоҳанд кард чанг аз ҳадди муайян берун наравад.

Яъне ҳадаф нобудсозии комили минтака нест, балки фишор овардан, нишон додани қудрат ва тағйир додани мувозинати неруҳост. Ба ибораи дигар, чанг метавонад сахт бошад, аммо эҳтимол дорад идорашаванда бокӣ монад ва фавран ба як бесарусомонии фарогири минтақавӣ табдил наёбад. Ва ин сабаб дорад. Ҳоло хеч яке аз тарафҳо омода нест, ки зуд акибнишинӣ кунад ё заъф нишон дихад. Ҳар ду мехоханд мавкеи ҳудро ҳифз кунанд ва нишон диханд, ки қодир ба посух ва идомаи муковиматанд.

Аммо айни замон барои ҳама равшан аст, ки агар чанг аз назорат хорич шавад, паёмадҳои он танҳо ба майдони даргирӣ махдуд намемонад. Он метавонад содироти нафтро фалач қунад, кишварҳои дигарро ба гирдоби низоъ бикашад ва ба иқтисоди чаҳонӣ зарбаи сахт расонад. Яъне хатар на танҳо низомӣ, балки иқтисодӣ ва глобалӣ низ мебошад.

Аз ин рӯ, эҳтимол дорад, ки Амрико ва Исроил зарбаҳои ҳудро ба объектҳои ҳарбӣ ва ҳастаии Эрон идома диҳанд. Дар посух Эрон метавонад ҳамлаҳои мушакӣ ва бо истифода аз ҳавопаймоҳои бесарнишин анҷом дихад.

Аммо ҳамзамон дар паси парда каналҳои миёнаравӣ низ фаъол хоҳанд шуд. Дар сатҳи изҳорот ва суханронихо лаҳн сахт бокӣ мемонад, вале дар амал тарафҳо мекӯшанд роххои махдуди гуфтугӯ ва идора кардани бухронро пайдо кунанд, то даргирӣ аз ҳадди муайян берун наравад.

ДАР ДОХИЛИ ЭРОН ЧӢ МЕШАВАД?

Пешбинии ман дар борои вазъи дохилии Эрон бештар эҳтиёткорона аст ва ҳатто то андозае фарқ мекунад. Марги Хоманай худ аз худ ба маънои заиф шудани низом ё бош шудани роҳи осони ислоҳот нест.

Баръакс, дар шароити чанг эҳтимол бештар аст, ки неруҳои сахттир мавкеи худро боз ҳам қавитар кунанд ва сиёсати давлат ба самти шадидтар ва мутамарказтар равад. Зеро дар даврои бухрону тахдидхои беруна ҳукуматҳо одатан мекӯшанд қудратро бештар муттаҳид созанд ва сахтгирона амал кунанд.

Аз ин рӯ, дар муддати кӯтоҳ эҳтимоли зиёд вучуд дорад, ки дар Эрон тамаркузи бештари қудрат, назорати сахттар, риторикаи сафарбаркунанда ва фишори бештар ба мухолифон ба миён ояд. Танҳо дертар, агар чанг давлат ва элитаро фарсуда кунад, мумкин аст фазо барои тағйироти амиқтар кушода шавад.

ОЁ ТАБДИЛИ КУЛЛИИ НИЗОМ МУМКИН АСТ?

Аз назари нозирон ин сенария вучуд дорад, вале он дар рӯзҳо ва ҳафтаҳои наздик натичаи фаврӣ нахоҳад шуд. Таърих нишон медиҳад, ки зарбаҳои беруна ба низомҳои сахттир дар қадами аввал бештар ба муттаҳидшавии дохилӣ ва боларавии эҳсоси миллӣ меоранд, на ба фурӯпошии зуд.

Ҳоло нишонаҳои фурӯрехтани фаврии давлатдории Эрон дида намешаванд. Баръакс, маълум аст, ки низом ҳатто баъд аз зарбаи сахт ба болои сохтори қудрат ҳамоно кор мекунад.

Дар ду то чор ҳафтаи наздик даргирӣ эҳтимол аст шадиду ҳатарнок бокӣ монад. Баъд аз он эҳтимол дорад чустучӯи шакле аз коҳиши махдуди таниш оғоз шавад. На аз сабаби ошттии воқеӣ, балки аз он сабаб, ки арзиши идомаи чанги васеъ барои ҳама хеле гарон аст.

Ин маънои сулҳи воқеиро надорад. Эҳтимоли бештар он аст, ки минтақа ба як марҳалаи нави нигаҳдории нооромӣ ворид мешавад: Эрон заиф мешавад, вале сукут намекунад; Амрико ва Исроил қудрати худро нишон медиҳанд, вале “масъалаи Эрон”-ро якбора ҳал карда наметавонанд; минтака бошад, ба давраи тӯлонии ноустуворӣ, нафти гарон ва амнияти шикастпазир ворид мешавад.

Шариф ҲАМДАМПУР

Аз муаллиф:
Ин матлаб бар асоси омӯзиш ва таҳлили гузориҳои расонаҳои байналмилалӣ омода шудааст.



ЗЕҲНИ СУНЪӢ ДАР НИЗОМИ АНДОЗИ ТОҶИКИСТОН

Дар Тоҷикистон зеҳни сунъӣ дигар технологияи оянда нест, имрӯз он аллакай дар фаъолияти ҳамарӯзаи маъмурикунонии андоз истифода мешавад. Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолона қарорҳоеро, ки бар пояи зеҳни сунъӣ асос ёфтаанд, ҷорӣ намуда, ба шаффофият, суръат ва хизматрасонии қулайи электронӣ такя мекунад. Табдили рақамӣ ҳам ба шаҳрвандон, ҳам ба соҳибкорон ва ҳам ба равандҳои дохилии худи идора таъсир расонидааст.

САБТИ НОМ БИДУНИ МУРОҶИАТ БА МАҚОМОТИ АНДОЗ

Яке аз навоваришои назаррас - низоми зеҳнии сабти номи шахсони воқеӣ дар ҳуҷраи шахсӣ бидуни зарурати ҳозир шудан ба мақомоти андоз мебошад.

Маълумотҳои воридшуда ба таври ҳудкор санҷида шуда, онҳоро бо феҳристҳои давлатии мавҷуда муқоиса мекунанд ва номувофиқатиро ошкор месозанд. Дар натича, расмиёте, ки қаблан ҳузури шахсӣ ва вақти зиёдро талаб мекард, акнун хеле камтар вақт мегирад ва пурра ба шакли мустақим анҷом дода мешавад.

Бо ҳамин усул иваз намудани рақами телефони қорбар низ фаъолият мекунад. Низоми маздакир таърихи фаъолият, омилҳои рафториро таҳлил намуда, тасдиқи бисёрмарҳилавиро татбиқ мекунад. Ин ба таъмини сатҳи баланди ҳифзи маълумоти шахсӣ ва коҳиши хавфи қаллобӣ мусоидат менамояд.

ВОСИТАҲОИ РАҚАМӢ БАРОИ СОҲИБКОРӢ

Қарорҳои зеҳнӣ дар ҳамкорӣ бо шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ низ фаъолона истифода мешаванд.

Тавассути ҳуҷраи шахсӣ соҳибкорон метавонанд:

• нусхаи тақрории ҳуҷҷатро оид ба бақайдгирии давлатӣ аз Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дастрас намоянд;

• рамзҳои сабабҳои ба ҳисоб гузоштанро ба қайд гиранд;

• ҳангоми тағйир ёфтани намуди фаъолият, амали бақайдгирии давлатиро вобаста ба ворид намудани тағйирот дар Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ анҷом диҳанд.

Дар ин равандҳо зеҳни сунъӣ дурустии маълумоти пешниходшударо ба таври ҳудкор таҳлил намуда, намуди фаъолияти соҳибкориро гурӯҳбандӣ карда, бидуни иштироки нозири андоз қарор қабул менамояд. Ин амр пешниходи хизматрасониҳоро суръат бахшида, сарбории маъмуриро коҳиш медиҳад.

КУШОДАНИ ТИҶОРАТ ТАВАССУТИ СМАРТФОН

Сабти номи соҳибкори инфиродӣ тавассути замимаи мобилии «Андози ман» ахамияти махсус дорад. Он имкон медиҳад, ки тичорат бо смартфон пурра онлайн оғоз шавад.

Технологияҳои шиноҳти ҳуҷҷатҳо ва санҷиши зеҳнии шахсият имкон медиҳанд, ки тамоми расмиёт пурра онлайн гузаронида шавад. Низом маълумотро ба таври ҳудкор месанҷад ва шахсияти мурочиаткунандаро тасдиқ мекунад. Ин тарҳ вуруд ба фаъолияти соҳибкориро осон намуда, ба рушди тичорати хурд мусоидат мекунад.

ЗЕҲНИ СУНЪӢ ДАР ДОХИЛИ НИЗОМ: НАЗОРАТ ВА НАВСОЗИИ МАЪЛУМОТ

Инчунин, зеҳни сунъӣ дар равандҳои дохилии идора истифода мешавад. Дар соҳаи андозбандии молу мулк ҳангоми баҳисобгирӣ (инвентаризатсия) ва азнавбақайдгирии объектҳои ғайриманқули шахсони воқеӣ истифода бурда мешавад.

Низом маълумотро аз манбаҳои мақомоти давлатӣ муқоиса намуда, камбудиҳоро ошкор мекунад ва заминаи навшудаи андозро ташаккул медиҳад. Ин ба баланд шудани дақиқии баҳисобгирӣ, таҳкими интизоми молиявӣ ва афзоиши чамъоварии андоз мусоидат менамояд.



ТАВОЗУНИ АМНИЯТ ВА ДАСТРАСӢ

Кумитаи андоз фаъолияти омехтаи ҷорӣ намудани зеҳни сунъиро истифода мебарад. Маълумот ва таҳлили хавфҳо дар зерсохтори маҳаллии хифшшуда (on-premise) корқард мешаванд, дар ҳоле, ки қисми хизматрасониҳои онлайн бо истифода аз технологияҳои абрӣ амал мекунанд. Чунин раванд имкон медиҳад, ки сатҳи баланди амнияти итилоотӣ нигоҳ дошта шуда, ҳамзамон доираи хизматрасониҳои рақамӣ васеъ гардад.

НАТИҶАҲО ВА ДУРНАМО

Бино ба арзёбии коршиносон ҷорӣ намудани зеҳни сунъӣ алакай имкон додааст:

• *расмиёти маъмурӣ кам карда шаванд;*

• *шаффофияти маъмурикунонии андоз баланд бардошта шавад;*

• *таъсири омили инсонӣ ба ҳадди ақал расонида шавад;*

• *хизматрасониҳо барои андозсупорандагон қулайтар гарданд;*

• *эътимод ба ниҳодҳои давлатӣ таҳким ёбад.*

Дар оянда рушди зеҳни сунъӣ дар соҳаи андоз метавонад пешгӯии воридоти андоз, таҳлили ҳудкори ҳисоботҳо ва истифодаи технологияҳои муосир на танҳо воситаи автоматизатсия, балки унсури муҳими идоракунии давлатӣ ва омили рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

ЧАРО НАРХИ ГӮШТ ГАРОН АСТ?



БО ОМАДАНИ МОҲИ МУБОРАКИ РАМАЗОН ВА ИДУ ҶАШНҲО НАРХИ ГӮШТ БОЛО МЕРАВАД. АКНУН ОНРО БА 100-105 СОМОНӢ БОЛО БУРДАНД. АГАР ПЕШИ РОҲИ ИН БОЛОРАВӢ ГИРИФТА НАШАВАД, ПАГОҲ ОН АЗ 200-У 300 ҲАМ УБУР ХОҲАД КАРД.

Коршиносон ҳар гуна ҳадс мезананд. Вале андешаи ман дигар аст. Мағзи гап дар он аст, ки чарогоххое, ки мардум подаю рамаашонро бонӣ мекарданд, ба дасти мансабдорону сарватмандон афтодаанд. Ҳоло чарагоҳе идома дорад, ки дар хочагихои шахсии сокинони деҳот шумораи чорво рӯ ба нестӣ оварда истодааст. Дар деҳахое, ки 50-60 хонавода истиқомат доранд, 25-28 оилааш ягон сар чорво надоранд, боқимондааш ё як гов дорад ё ду-се буз ё гӯсфанд. Ҳатто пархариши мурғ, мурғобӣ, мурғи марҷон кам шуда истодааст.

Аммо аз рӯи омор дидан мумкин аст, ки саршумори пода, рама, галла назар ба солҳои 2000-2005 ва назар ба масохати чарогоххо 2-3 баробар зиёд шудааст. Аз дасти ин миқдор чорвои барзиёд на танҳо майдонҳои буттазорхо, балки худи чарогоххо беалаф монда, нест шуда истодаанд. Дар сурате, ки чорво дар дасти як гурӯхи хурди одамон ба монополия табдил ёфта истодааст, пас ҳам сурудро онхо супориш медиҳанду ҳам раксро. Нархи гӯштро онҳо муайян мекунанд, на қассобону фурӯшандагон. Имрӯз подахои камшумору хароби деҳот чарогоҳи умумӣ надоранд, онҳоро қад-қади сангову роххо бонӣ мекунанд.

Пас роҳи ҳали маъала кучост? Аввал, ба ҳар деҳа масохати чарогоҳи чамъиятиашонро баргардонанд. Сониян, андози ҳар як гектар чарогоҳ аз 11 сомонӣ боло нест. Дар сурате, ки сарватмандон аз 20-30 гектар чарогоҳ боло доранд, пас онхо бояд ба ҳар як гектари минбаъдаи он 11 не, балки 100-150 сомонӣ андозбандӣ карда шаванд. Сеюм, мақомоти дахлдори ҳифзи ҳуқуқ, омор, кишоварзӣ боистӣ, ки саршумори чорво, галла, рамахоро як бори дигар аниқ саршуморӣ кунанд, соҳибони ҳақиқии онҳоро муайян созанд ва на танҳо дар матбуот чоп намоянд, балки барои ислоҳи вазъи чорводориву чарогоххо чорахо андешанд. Яъне дар ин бахш як ислоҳоти чиддии амаливу натичаовар шарту зарур аст.

Нурулло ҲАСАНОВ,
н. Муъминобод

ДАСТИ МАДАДИ АБУЛҚОСИМ ЛОҲУТӢ

Порча аз китоби «Агар...»-и Шариф Ҳамдампур



Толибхон Шаҳидӣ бо Маҳдӣ Баҳманӣ дар пояи муҷассамаи Абулқосим Лоҳутӣ

(Идома аз шумораи гузашта)

Падар, дар ин хомӯшӣ хотирахо худ ба худ зинда мешаванд. Баъзеашон равшананд, баъзеашон чун соя. Ва дар миёни онхо симои як марди равшанзамир, дӯсти хонадони мо Абулқосим Лоҳутӣ пеши назарам меояд.

Ӯ барои ман танхо як ном дар китоб нест. Ӯ бахше аз зиндагии шумост, падар. Бахше аз он халқаи ноаёне, ки шуморо бо хамнаслон, фарханг, сарнавишти миллати точик пайваст.

Ман дар сари мазори шумо нишастаам, пешонӣ бар кафи даст, ғарқи андеша. Ин холатро ман қаблан хам дида будам. Боре дӯстам Лоиқ Шералиро дар сари мазори устод Мирзо Турсунзода хамин тавр дида будам. Хамон хомӯшии сангин, хамон нигохи ба ботин фурӯрафта. Он лахза фахмидам: ин тасодуф нест. Ин такрор аст. Як навъ ирсият, ирсияти андеша, ки аз устод ба шогирд мегузарад.

Дар хамин сукут ман мефахмам: мулоқотхои шумо бо устод Лоҳутӣ тасодуфӣ набуданд. Онхо замоне рух доданд, ки замона ба он ниёз дошт. Ниёз ба сухан. Ниёз ба оханг. Ниёз ба касе, ки битавонад гирдоби ходисахоро мачро бахшад. Чунин мулокотхо на танхо одамонро ба хам наздик мекарданд, онхо самти андеша, рохи таърихро муайян менамуданд.

Устод Лоҳутӣ аз рохи дур омада буд. Аз рохи инкилоб. Аз рохи фирор. Аз рохи ормонхо. Бо ормони адолат зист. Сарнавишт ӯро ба Иттиходи Шуравӣ оварда, хамсухбати Сталин буд, шӯру киёми инкилобӣ дошт, аммо рӯхи ӯ хамеша шаркӣ монд. Забоноши форсӣ. Дилаш боғи фарханги ниёгон.

Рӯзе ӯ мефахмад, ки дар харитаи нави чахон кишвare хаст бо номи Точикистон. Кишвare бо забони ӯ, бо таърихи ӯ, бо шеъри ӯ. Ва гуфт:

- Маро ба Точикистон фиристед. Ман он чо меравам.

Ӯ ба Точикистон на хамчун мехмон омад, ин бозгашт буд. Ва дар ин сарзамин бо сутунхои фарханг рӯ ба рӯ шуд: бо Садриддин Айнӣ - кофиласолори сухан, бо Мирзо Турсунзода - садои аср, бо Сотим Улуғзода, Бокӣ Раҳимзода, Миршакар... ва бо шумо, падар - бо чахони мусикӣ.

Он вакт шумо чавон будед. Бо дили пур. Дар хучраи танг. Бо охангхое, ки чойи зист мечустанд. Ман тасаввур мекунам он рӯзро: пианино садо медихад, модарам Марҳабобону дар гирдоби рӯзгор ва ногахон так-таки тиреза.

Шумо аз чой мехезед ва бо хаячон мегӯед:

- Лоҳутӣ омаданд!

Шеър ба суроғи мусикӣ омада буд.

Устод бо чехраи кушода ворид мешавад. Дастовези коғазпече дар даст.

- Омадам шуморо бо тавалludи фарзанди якуматон табрик кунам.

Лоҳутӣ ба хона даромада, як нигох кард. Сипас, бо хамон ростӣуии ба худаш хос гуфт:

- Ин хонаи охангсоз аст ё зиндони муъминон?



Абулқосим Лоҳутӣ бо бонувони ҳунарманди тоҷик

Ин сухан шӯхӣ менамуд, вале дарди пинхон дошт. Хонаи мо вокеан бештар ба зиндон мемонд: торик, паст, бенур. Падар, шумо бо сабру тахаммул посух додед:

- Ҷанг тамом шавад, хона хам хуб мешавад.

Лоҳутӣ сар чунбонд. Гӯё ин чавобро қабул накард. Гӯё мехонист, ки интизорӣ на хамеша рохи хал аст. Шеър, оханг интизориро намеписанданд.

- Не,- гуфт,- фардо худам назди калонхо меравам. Ин корро намешавад ба таъхир гузошт.

Сипас, оханги гуфторро нарм кард:

- Фарзандро чӣ ном мондед?

- Шумо гуфтед, ки ҳанӯз ном нагузоштаед, шояд Сайёра гузорем.

Лоҳутӣ фавран рад кард:

- Не, не. Номи духтар Мунира. Бигзор аз ин торикӣ ба рӯшной барояд.

Ин сухан баъдтар рамз шуд. Гӯё устод на танхо ном мегузошт, балки сарнавиштро равшан мекард.

Устод ваъдаашро ичро кард. Аз хамон кулбаи танг баромада, рост назди раиси Шурои вазирон рафт. Вазъиятро шарх дод, бидуни ҳангома, бидуни муболиға, бо хамон қотеъияте, ки танхо ростиро мегӯяд.

Ва баъд аз ду мох ба мо дар бинои истиқоматии кӯчаи Орчоникидзе 49 хона доданд. Дар хонае, ки бо номи «Хонаи нависандагон» маъруф буд.

Лоҳутӣ ба шумо бо хурсандӣ занг зад:

- Акнун дар хонахои нав нағзакак кор мекунед. Романсхои дилнишин менависед. Мусикӣ барои драма ва опера эҷод мекунед. Ба халқи ҳуд хизмат мекунед.

Ин суханхо пешгӯи буданд ва амалӣ шуданд.

Модар гуфтанд: кори устод танхо манзил додан набуд. Ӯ барои мо мухит фарохам оварда. Ҳамсояғии одамони хуб, адибони барчаста, мухити эҷодии зинда, бахсхои шабонарӯзӣ. Мо на танхо хона гирифтем, балки чойе ёфтем, ки дар он нафас кашидан осон шуд.

Ва ман имрӯз мефахмам: баъзан як нигох, як чумла, як карор метавонад сарнавишти як хонадону як эҷодгарро дигар кунад.

Шумо нишастед, суҳбат кардед. Лоҳутӣ аз саргузаштхояш гуфт, шеърхои нав хонд. Ин чо ман мефахмам, падар: фарханг танхо шеър ва оханг нест. Фарханг - ғамхорист, дарки дарди дигарон аст. Фарханг даст гирифтан аст, на барои намоиш, барои начот.

Мулокотхои шумо бо Лоҳутӣ идома ёфтанд. Рӯзе шумо ба ӯ занг задед:

- Оханги нав дорам. Ба он шеър лозим....

Ӯ хамон лахза шуморо ба хонааш даъват кард. Пианино. Оханг. Як бор. Ду бор. Се бор. Ва камтар аз як соат шеър омода шуд:

Ман рӯйи туро дидаму
дилдода шудам,
Дар додани ҷон ба роҳат
омода шудам...

Ман инро муъчиза намедонам. Ман инро ҳамбастагӣ меномам. Вақте шеър ва оханг якдигарро меёбанд, миллат ташаккул меёбад.

Хонаи мо аз зиндон ба паноҳгоҳ табдил ёфт. Аз торикӣ ба рӯшной.

Омадани Лоҳутӣ ба хонаи мо эътирофи як шоири бузург як бастакори чавонро буд.

Падар, шумо бо устод Лоҳутӣ танҳо ҳамкор набудед, ҳамсафар будед.

Ва имрӯз, дар сари мазори шумо, ман мефахмам, ки агар ин мулокотхо намебуданд, агар он дӯстӣ намебуд, шояд фарханги мо чунин устувор намешуд.

Ин аст маънии ҳамбастагӣ.

Ин аст он симфонияе, ки то хол садо медихад.

Падар, бо омадан ба макони зисти нав мухити зисти хонаи мо дигар шуда буд. Рафтуомад зиёд шуд, сухбатхо чиддитар гаштанд, номатон дигар танхо дар доираи дӯстону хамкорон намегашт, бузургон хам акнун шуморо мешинохтанд. На бо овоза, бо кор. Бо мусикие, ки аллакай худро исбот карда буд. Албатта накши мухит хам мухим буд.

Рӯзе бо тавсияи устод Лоҳутӣ устод Садриддин Айнӣ шуморо наздашон даъват мекунанд. Албатта ин даъват максад дошт. Чун он кас бехуда касеро даъват намекарданд.

Ба шумо рӯй оварда, гуфтанд:

- Рафиқ Шаҳидӣ, мо бо Бобочон Ғафуров маслиҳат кардем, қарор додем, ки чанд нафар охангсози чавонро барои хондан ба Маскав фиристем.

Ин сухан бароятон кушода шудани даре буд, ки кайхо интизор будед.

Домулло пурсиданд:

- Кихоро пешниход мекунед?

Шумо бе дудилагӣ номхоро зикр кардед:

- Аъзам Камолов, Шариф Бобокалонов, Амон Ҳамдамов. Ва агар мумкин бошад...,- ин чо каме таваққуф карда, гуфтед,- агар мумкин бошад, худам хам бо чону дил Маскав барои хондан мерафтам.

Ин сухан як чуръат буд. Дархости шахсӣ, вале на барои манфиат, барои дониш андӯхтан. Домулло Айнӣ хурсанд шуданд. Ва бо хамон ғамхории хоси худ гуфтанд:

- Маошатонро ин чо ба бачахоятон мегузорем. Стипендияатонро бошад, он чо барои худатон сарф мекунед. Ба ин чӣ мегӯед?

Шумо чӣ хам мегуфтед? Ин ғамхорӣ ба ахли хонадон буд. Шумо падари мушфиқу ғамхор будед.

- Ман розӣ,- гуфтед.

Аз тарафи олиму адиби бузург чунин муносибат нишони он буд, ки онхо зарурати рушди мусикии касбии точикиро амиқ дарк мекарданд. Медонистанд: миллате, ки мусикии худро ба пояи дониш намебардорад, дер ё зуд садояш гум мешавад.

Бо гузашти солхо ман борхо дидам, ки шумо, падар, дар хар нишасту маърака бо эҳтиром ва сипоси самимӣ номи ин бузургонро ба забон меовардед. Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Бобочон Ғафуров, Мирзо Турсунзода... Барои шумо онхо танхо шахсиятхои таърихӣ набуданд, одамоне буданд, ки ба фарханг на хамчун зебой, балки хамчун тақдири миллат менигаристанд.

Шумо медонистед: агар он дастгирӣ, он бовар ва он фахмиш намебуд, бисёр чизхо шояд аз сахифаи таърих меафтоданд ё тамоман рӯй намезаданд.

(Давом дорад)

ПЕШГӮИИ КОРШИНОСОН

Нархи маҳсулоти ғизоӣ дар Тоҷикистон боло меравад

СОЛИ 2026 НАРХИ МАҲСУЛОТИ ХӮРОКВОРӢ ДАР ТОҶИКИСТОН 3,8% ГАРОН МЕШАВАД, КИ ИН АЗ НИШОНДИҲАНДАИ МИЁНА ДАР ҶАҲОН КАМЕ ЗИЁДТАР АСТ. ИН ПЕШГӮИРО СОЗМОНИ ОЗУҚАВОРӢ ВА КИШОВАРЗИИ СММ (ФАО) ДАР ГУЗОРИШЕ, КИ 160 КИШВАРИ ҶАҲОНРО ФАРО МЕГИРАД, НАШР КАРДААСТ.

Мувофиқи арзёбиҳои ин созмон, дар саросари дунё ғизо ба ҳисоби миёна ба андозаи 3,2% гарон мешавад, вале "аз сабаби ноустувории қурби асъор, фишор ба таваррум ва мушкилоти марбут ба тахвил, дар баъзе кишварҳо суръати болоравӣ ба таври назаррас зиёд мешавад".

"Дар пасманзари тамоюлҳои чаҳонӣ, дар Тоҷикистон чараёни нисбатан муътадил ба назар мерасад. Болоравии пешгӯишаванда дар сатҳи 3,8% ба нишондиҳандаи миёна дар минтақаи Аврупо ва Осиёи Марказӣ (4,2%) наздик буда, аз нишондиҳандаҳои як қатор кишварҳои ҳамсоя ба таври назаррас поинтар аст",- гуфтаанд коршиносони ин созмон.

Ба гуфтаи онҳо, соли 2026 мизони таварруми марбут ба нархи маҳсулоти хӯрокворӣ дар:

- *Қазоқистон 12,7%;*
- *Қирғизистон 9,4%;*
- *Украина 9,2%;*
- *Беларус 8,9%;*
- *Гурҷистон 8,2%;*
- *Озарбойҷон 6,8%;*
- *Ӯзбекистон 5,5%;*
- *Молдова 4,9%;*
- *Русия 4,6%;*
- *Арманистон 3,1%*

пешгӯӣ шудааст.

Болоравии баландтарин нархҳо ба маҳсулоти хӯрокворӣ тибқи пешгӯии созмон (ФАО) дар Эрон пешбинӣ шудааст. Дар ин кишвар мизони таварруми нархҳо ба ғизо метавонад ба 55,9% дар ифодаи пулӣ расад.

Ба сегонаи пешафтон дар ин масъала ҳамчунин Аргентина (33,2%) ва Туркия (25,1%) шомиланд. Дар ин давлатҳо таваррумии чандинсола ва фишор ба асъори миллӣ омилҳои калидии болоравии нархҳо бокӣ мемонанд.





ХАТСАЙРИ АВТОБУС МИЁНИ ТОҶИКИСТОН ВА ЎЗБЕКИСТОН

МИЁНИ ТОҶИКИСТОН ВА ЎЗБЕКИСТОН ХАТСАЙРИ АВТОБУС РОҲАНДОЗӢ ШУД. АВТОБУСҲО ДАР ИН ХАТСАЙР ҲАФТАЕ ДУ МАРОТИБА АЗ ДУШАНБЕ БА ТОШКАНД ВА БАРЪАКС ҲАРАКАТ МЕКУНАНД.

Автобус аз Душанбе рӯзхои чоршанбе ва шанбе соати 13:00 ва аз Тошканд рӯзхои сешанбе ва чумъа соати 17:00 ба рох мебарояд.

Хамзамон, сафар дар ин масир 15-17 соат давом карда, автобус дар миёни рох дар шахраки Сариосиё тавакқуф мекунад.

Аз мусофирон барои убур аз марз шиносномаи хоричӣ талаб карда мешавад. Манбаъ илова кардааст, ки нархи билет 300 ҳазор сӯми ӯзбекӣ (тақрибан 233 сомонӣ) аст.

Гуфта мешавад, ки дар оянда, вобаста ба талабот, хатсайрхои иловагӣ ба рох монда мешаванд.

Бояд гуфт, ки мохи сентябри соли 2024 миёни шахри Хучанди Тоҷикистон ва шахри Олмалиқи Ӯзбекистон як хатсайри автобус роҳандозӣ шуда буд.

ОҒОЗИ САБТИНОМИ ДОВТАЛАБОН ДАР МАРКАЗИ МИЛЛИИ ТЕСТӢ

ДАВРИ АВВАЛИ БАҚАЙДГИРИИ ДОВТАЛАБОН БАРОИ ШИРКАТ ДАР ИМТИҲОНҲОИ МАРКАЗОНИДАИ ДОХИЛШАВӢ БАРОИ СОЛИ 2026 РӮЗИ 2-ЮМИ МАРТ ОҒОЗ ШУДА, ТО 28-УМИ АПРЕЛ ИДОМА МЕКУНАД. ДАР ИН БОРА АЗ МАРКАЗИ МИЛЛИИ ТЕСТӢ ХАБАР ДОДАНД.

Имсол дар 43 шахру ноҳияи ҷумҳурӣ 50 нуқтаи доимии бақайдгирӣ ва дар 17 шахру навохии дигар нуқтаи сайёри бақайдгирӣ ташкил шудааст. Бо суроғаи ин нуқтахо дар сомонаи www.ntc.tj шинос шавед.

Бақайдгирӣ дар 4 давра мегузарад.

Дар давраи дуюм аз 10 то 30-юми июн баргузор мешавад ва дар он довталабоне, ки дар давраи аввал сабтином нашудаанд, метавонанд иштирок кунанд.

Дар давраи сеюми бақайдгирӣ дар доираи чойхои холӣ буда, аз 29-уми август то 10-уми сентябр мегузарад.

Дар чорум танхо барои шаклии фосилавӣ ва ғоибонаи таҳсил дар доираи чойхои холӣ аст, ки аз 2 то 20-уми ноябр баргузор хоҳад шуд.

Бояд гуфт, дар ИМД дилхоҳ сокини Точикистон новобаста аз шахрвандӣ, ки хатмкарда ё хатмкунандаи синфхои 9 ва 11-и мактаби миёна, муассисахои ибтидоӣ ё миёнаи касбӣ дар Точикистон ва ё хориҷ аз он аст, метавонад иштирок кунад.



ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН ОЯНДАИ ДУРАХШОНИ ШУМОСТ!



Довталабони гиромӣ!

Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, ки 39 сол боз арзи ҳастӣ дорад, дорои Донишкадаи иқтисод ва савдо дар шаҳри Хуҷанд, 7 бинои таълимӣ, литсей, хобгоҳи 4-ошёна барои омӯзгорону кормандон, ду хобгоҳи 4-ошёна барои донишҷӯён, як толори варзишӣ, китобхонаи илмӣ, ду майдончаи варзишӣ, 3 факултет, шуъбаи таҳсилоти фосилавӣ, 10 кафедраи тахассусӣ, 5 кафедраи умумидонишгоҳӣ, пажӯҳишгоҳи илмии бозори истеъмолӣ ва хизматрасонӣ, шуъбаи магистратура, аспирантура ва докторантура мебошад.

Имрӯз донишгоҳ яке аз донишгоҳҳои бонуфуз ва базавии кишвар дар соҳаи тайёр кардани кадрҳои соҳаи иқтисод ва тиҷорат буда, дар асоси Литсензияи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти таълимиро амалӣ менамояд. Донишгоҳ тибқи Иҷозатнома оид ба ҳуқуқи пешбурди фаъолияти таълимӣ аз рӯи 37 ихтисоси барномаи бакалавр, 10 ихтисоси барномаи магистратура, 13 ихтисоси барномаи докторантура аз рӯи ихтисос (PhD) ва 6 ихтисоси барномаи таҳсилоти дуюми олии касбӣ мутахассисонро тайёр менамояд. Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар бозори хизматрасонии таълимӣ ҷойгоҳи хоссаи худро дошта, бо тайёр кардан, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси мутахассисон мавқеи пешсафро ишғол менамояд. Хатмкардагони донишгоҳ на танҳо дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти мамлакат, балки дар ташкилоту ширкатҳои бонуфузи байналмилалӣ низ фаъолияти пурсамар доранд. Дар донишгоҳ 142 синфхона бо 4722 ҷойи нишаст, 12 синфхонаи компютерӣ, 3 озмоишгоҳи таълимӣ, 3 синфхонаи лингафонӣ, 840 компютерӣ, 130 проектор бо экран, 130 тахтаи электронӣ, 130 ноутбук ва 150 принтер мавҷуд аст, ки донишҷӯён аз онҳо самаранок истифода мебаранд.

Китобхонаи донишгоҳ аз ду толори хониши китобхои мукаррарӣ бо 115 ҷойи нишаст, ду толори хониши китобхои электронӣ бо 90 ҷойи нишаст ва 293 хазор нусха китоб иборат мебошад. Донишгоҳ дар байни донишкадаву донишгоҳҳои ҷумҳурӣ аввалин шуда, соли 2005 ба низоми кредитии таҳсилот гузашт.

Дар раддабандии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода мешавад, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар зинаи 7-ум мавқеъ дорад. Донишгоҳ дорои иктидори баланди илмию педагогӣ буда, дар он 205 нафар омӯзгор фаъолият мекунанд, ки 195 нафарашон омӯзгорони доимӣ мебошанд. Барои хондани лексияҳо ва гузаронидани дарсҳои амалӣ ба раванди таълими донишгоҳ намояндагони сохторҳои сохибкорӣ, инчунин рохбарону мутахассисони вазорату идорахои кишвар ҷалб карда шудаанд. Яке аз самтҳои афзалиятноки стратегияи рушди донишгоҳ таҳким ва тавсеаи равобити байналмилалӣ, ширкат дар барномаҳои гуногуни таҳсилоти байналмилалӣ, татбиқи лоиҳаҳои муштарак мебошад. Донишгоҳ беш аз 20 лоиҳаи муштараки таълимиро бомуваффақият амалӣ кардааст, ки аз ҷониби созмонҳо ва барномаҳои гуногуни байналмилалӣ маблағгузорӣ карда мешаванд.

Бо мақсади татбиқи ҳаракати академӣ донишҷӯёни донишгоҳ як нимсола дар донишгоҳҳои пешрафтаи хориҷӣ таҳсил мекунанд. Дар доираи барномаҳои байналмилалии табодул омӯзгорону донишҷӯён дар донишгоҳҳои Федератсияи Россия, ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Беларус, Италия, Испания, Чехия, Полша, Руминия, Словения, Кореяи Ҷанубӣ ва ғайра таҳсил намуда, донишу маҳорати касбиашонро сайқал медиҳанд.

Довталабони гиромӣ!

Бо боварӣ гуфта метавонем, ки агар шумо ихтисосҳои донишгоҳи моро интихоб намоед, хайати устодону профессорони он, ки аз олимону мутахассисони варзидаи кишвар иборатанд, орзуҳои шуморо амалӣ мегардонанд.

Мархабо, ба Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон!



Хайрулло Назарзода,
ректори донишгоҳ, доктори илмҳои техникӣ, профессор

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН ҚАБУЛИ ДОВТАЛАБОНРО АЗ ТАРИҚИ ММТ-И НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БА ШУЪБАИ РӮЗОНА ВА ФОСИЛАВИИ ЗИНАИ БАКАЛАВРИАТ БАРОИ СОЛИ ТАҲСИЛИ 2026-2027 АЗ РӮИ ИХТИСОСҲОИ ЗЕРИН ЭЪЛОН МЕНАМОЯД

№	Гурӯҳи ихтисосҳо (кластерҳо)	Рамзи ихтисосҳо	Ихтисосҳо	Тибқи иҷозатнома	Нақшаи қабул	Шуъбаи рӯзона				Шуъбаи фосилавӣ		
						тоҷикӣ	русӣ	англисӣ	Маблағи таҳсил (сомонӣ)	тоҷикӣ	русӣ	Маблағи таҳсил (сомонӣ)
1	2	3	4	5	6	7	8	9	10	11	12	13
1	1	1-31030408	WEB -дизайн ва графикаи компютерӣ	25	25	25			6950	0		
2	1	1-98 01 01 0103	Системаи мухофизатии иттилоот	25	25	25			4950	0		
3	1	1-91 01 01 01	Технологияи маҳсулот ва ташкили хӯроки умумӣ	25	25	25			4950	0		
4	2	1-25 01 04	Молия ва қарз	125	125	50	25	25	7500	25		5605
5	2	1-25 01 04 02	Кори бонкӣ	125	125	75	25		7500	25		5605
6	2	1-25 01 04 03	Андоз ва андозбандӣ	125	125	75	25		7500	25		5605
7	2	1-25 01 04 04	Суғурта	25	25	25			4950	0		
8	2	1-25 01 05	Омор	25	25	25			4950	0		
9	2	1-25 01 07	Иқтисодиёт ва идора дар корхона	50	50	25			6950	25		5605
10	2	1-25 01 07 05	Иқтисодиёт ва идоракунӣ дар корхонаҳои савдо	25	25	25			6950	0		
11	2	1-25 01 09	Молшиносӣ ва муоинаи мол	50	50	25			4950	25		4275
12	2	1-26 02 01 01	Бизнес-маъмуриятгирӣ дар соҳаи истеҳсолот ва хизмат	25	25	25			6950	0		
13	2	1-25 01 10 04	Фаъолияти тичоратӣ дар бозори берунӣ	25	25	25			6950	0		
14	2	1-26 02 02	Менеҷмент	50	50	25			6950	25		5605
15	2	1-26 02 02 22	Менеҷменти тарабхона ва меҳмонхонаҳо	25	25	25			4950	0		
16	2	1-26 02 03	Маркетинг	50	50	25			4950	25		4275
17	2	1-91 02 01	Сервиси тарабхона ва меҳмонхонаҳо	25	25	25			4950	0		
18	2	1-89 01 01	Сайёҳат ва меҳмондорӣ	25	25	25			4950	0		
19	2	1-40 01 02 02	Технология ва низоми иттилоотӣ (дар иқтисод)	25	25	25			6950	0		
20	2	1-25 01 12	Информатикаи иқтисодӣ	50	50	25			6950	25		5605
21	2	1-25 01 10 26	Иқтисодиёти рақамӣ	25	25	25			6950	0		
22	2	1-25 01 07 31	Иқтисодиёти бизнеси электронӣ	25	25	25			6950	0		
23	2	1-25 01 08	Баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит	125	125	50	25	25	7500	0	25	5605
24	2	1-25 01 08 01	Баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит дар бонкҳо	75	75	50			6950	25		5605
25	2	1-25 01 11	Аудит ва ревизия	100	100	75			7500	25		5605
26	2	1-25 01 03	Иқтисодиёти ҷаҳонӣ	100	100	25	25	25	6950	0	25	5605
27	2	1-96 01 01	Хадамоти гумрукӣ	125	125	75	25		7500	25		5605
28	2	1-96 01 01 02	Таъмини иқтисодии фаъолияти гумрукӣ	50	50	50			6950	0		
29	2	1-96 01 01 03	Бехатарии иқтисодӣ	25	25	25			6950	0		
30	3	1-23 01 02 05	Таъминоти забонии робитаҳои байнифарҳангӣ (робитаҳои иқтисодии берунӣ)	25	25	25			6950	0		
31	4	1-23 01 01	Муносибатҳои байналмилалӣ	25	25	25			6950	0		
32	4	1-23 01 01 03	Ташкили робитаҳои байналмилалӣ	25	25	25			6950	0		
33	4	1-24 01 03	Ҳуқуқи иқтисодӣ	75	75	50			6950	25		5605
34	4	1-24 01 01 04	Ҳуқуқи байналмилалии тичоратӣ	50	50	50			6950	0		
35	4	1-24 01 02 04	Ҳуқуқи андозу бонкӣ	25	25	25			6950	0		
36	4	1-24 01 02 05	Ҳуқуқи гумрукӣ	75	75	50			6950	25		5605
37	4	1-24 01 02 16	Ҳуқуқи иттилоотӣ	25	25	25			6950	0		
Таҳсилоти дуюми олӣ				50	50						50	
Ҳамагӣ				1950	1950	1300	150	75		325	100	

РАМЗИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН ДАР МАРКАЗИ МИЛЛИИ ТЕСТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН № 106 МЕБОШАД.

ДАСТОВАРДҲОИ НАЗАРРАСИ СОҲАИ МАОРИФ ДАР НОҲИЯИ ҶАЛОЛИДДИНИ БАЛХӢ

Шуъбаи маорифи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ фаъолияти худро дар асоси қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, қарору фармоишҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон, Раёсати маорифи вилояти Хатлон, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф бо роҳ монда, дар самти таъмини сифати таҳсилот, баланд бардоштани сатҳи дониши хонандагон ва мустаҳкам намудани поя и модӣ - техникии муассисаҳои таълимии ноҳия дар соли 2025 як қатор корҳои назаррас ба анҷом расонида шудаанд.



Бино ба иттилои мудири шуъбаи маорифи ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ У. Шомирзозода, дар ҷамъбасти соли 2025-ум 12 Шурои шуъбаи маориф, 12 маротиба ҷаласаи назди мудири шуъбаи маориф гузаронида шуда, дар онҳо 103 масъалаҳои муҳим вобаста ба таълиму тарбия мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Инчунин, 12 маротиба машварати директорони муассисаҳои таълимӣ ва муовинони онҳо доир гардидааст.

Тавре зикр гардид, дар соли таҳсили 2025-2026 дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ 73 муассисаи таҳсилоти умумӣ, аз ҷумла 3 муассисаи таҳсилоти умумии ибтидоӣ, 10 муассисаи таҳсилоти умумии асосӣ, 60 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, 1 гимназияи давлатӣ, 1 мактаб-интернати ҷумҳуриявии кӯдакони ятим, 1 муассисаи таҳсилоти иловагӣ, 1 Маркази таълимӣ-касбинтихобкунӣ, 1 Маркази дарёфти рушди истеъдодҳо, 1 Маркази технологияи информатсионӣ ва коммуникатсия ва 1 мактаби байналмилалӣ фаъолият мекунанд.

Айни замон дар муассисаҳои таълимии ноҳия 54324 нафар хонанда, аз ҷумла 26523 нафар духтар ба таҳсил фаро гирифта шудаанд.

Дар муассисаҳои таълимии ноҳия 2666 нафар омӯзгор, аз ҷумла 1568 нафар зан ба таълиму тарбияи хонандагон машғул мебошанд.

Дар ноҳия 15 муассисаи давлатии таҳсилоти томактабӣ ва ду муассисаи таҳсилоти томактабии хусусӣ фаъолият мекунанд, ки дар онҳо 1563 нафар кӯдакон дар 78 гурӯҳ ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд. Айни замон дар муассисаҳои томактабии ноҳия 78 нафар мураббиён ба таълиму тарбияи кӯдакон машғул мешаванд. Ҳамзамон, дар назди муассисаҳои таҳсилоти умумии ноҳия 72 Маркази инклюшофи кӯдак таъсис дода шуда, дар онҳо 4500 нафар кӯдак дар 157 гурӯҳ ба таълиму тарбияи томактабӣ фаро гирифта шудаанд.

Бо мақсади иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28-уми феврали соли 2025, №97 “Дар бораи ташкили истироҳати кӯдакон ва наврасон дар соли 2025” дар назди 14 муассисаи томактабӣ бо ҷалби 350 нафар тарбиятгирандагон дар марҳилаи якум аз тарафи бучаи маҳаллӣ ба маблағи 81550 сомонӣ ба лагери солимгардонӣ ҷалб карда шудаанд.

Соли таҳсили 2024-2025 муассисаҳои таълимии ноҳияро 2191 нафар, аз ин шумора 905 нафар духтарон синфи 11-ро хатм кардаанд. Тариқи Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 1958 нафар хӯҷаат супорида, баъд аз супоридани имтиҳонҳои дохилшавӣ 1668 нафар хонандагони муассисаҳои таълимии ноҳия ба донишгоҳу донишкадаҳои дохили кишвар дохил гардидаанд.



Айни замон тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 103 нафар, аз ин шумора 50 нафар духтарон дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии чумҳурӣ таҳсил карда истодаанд.

Бо мақсади амалишавии қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31-уми августи соли 2022, №439 “Дар бораи Консепсияи гузариш ба таҳсилоти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2042” аз ҳисоби бучаи маҳаллӣ 99 адад принтер, 184 адад компютер, 2 адад тахтаи электронӣ, 2 адад проектор харидорӣ гардида, дастраси муассисаҳои таълимии ноҳия гардонида шудааст.

Инчунин, аз тарафи кормандони Маркази технологияи информатсионӣ ва коммуникатсияи назди шуъбаи маориф 171 адад компютерҳои таъмирталаб, ки дар муассисаҳои таълояти Хатлон аз 2-юми январи соли 2025, №12/12 чихати эълон намудани “Соли 2025 - Соли фарҳанги китобхонӣ” қарор ба тасвиб расонида, ба тамоми муассисаҳои таълимӣ чихати корбарӣ ирсол карда шудааст.

Дар 12 моҳи соли 2025 ба муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №1 ва муассисаи наватъсиси деҳаи Қарабура аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон 150 ҷуфт мизу курсӣ, 18 адад чевон, 18 адад тахтаи синфӣ, 18 адад миз барои омӯзгорон ва 4 кабинети фаннӣ ва озмоишгоҳҳои таълимӣ тариқи ройгон таъмин карда шудааст.



Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳо аз падидаҳое мебошад, ки маҳз бо пешниҳоди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷумҳурӣ таъсис дода шуда, имрӯзхо бо фаъолияти пурсамар дар дарёфти истеъдодҳо корҳои назаррасро ба анҷом расонида истодааст. Марказ чихати пурсамар гардонидани фаъолиятҳои худ аз ҳисоби мутахассисони чавон ва соҳибмаълумот, рохбарони махфилҳои математика, таърих, асосҳои давлат ва ҳуқуқ, забони русӣ, забони англисӣ, география, химия, технологияи иттилоотӣ 8 воҳиди кории худро пурра гардонида, фаъолияти махфилхоро ба роҳ мондааст.

Бо мақсади амалӣ гардидани иҷрои фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми январи соли 2025, №АП - 710 дар бораи озмуни чумҳуриявии “Илм - фурӯғи маърифат” моҳи майи соли 2025 дар толори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №1 даври ноҳиявии озмуни мазкур баргузор гардида, дар он 1169 нафар довталабон иштирок намуданд.

Бо мақсади иҷрои дастуру супоришхои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва дар сатҳи баланд тачлил намудани 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон чихати таъмир, азнавсозии муассисаҳои таълимӣ, дар арафаи чашни Наврӯзи байналмилалӣ дар чамоати дехоти Навоӣ сохтмони бинои навтаъсиси муассисаи №72 барои 300 нафар хонанда дар ду баст, дар чамоати деҳоти Золи Зар муассисаи навтаъсиси таҳсилоти умумии асосии №73 ва толори мачлисгохи муассисаи таълимии №51 дар чамоати шаҳраки Гулистон мавриди истифода қарор дода шуд. Айни замон 12 синфхонаи иловагӣ дар назди муассисаи таълимии №26 барои 500 нафар хонанда дар ду баст, 6 синфхонаи иловагӣ дар назди муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №21, 4 синфхонаи иловагӣ дар назди муассисаи таълимии №55, сохтмони 7 синфхонаи иловагӣ дар назди муассисаи таълимии №52 ба итмом расонида шудаанд.

У. Шомирзозода изҳор дошт, ки Шуъбаи маорифи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ бо дасттирӣ ва таваччуҳи бевоситаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон минбаъд низ кӯшиш менамояд, то ба пешравиҳои назаррас ноил гардад.

- Метавон гуфт, ки соҳаи маорифи ноҳия бо дастгириҳои пайвастаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти худро ба роҳ монда, ба дастовардҳои назаррас соҳиб мегардад, - афзуд ӯ.

Машраби АЛОВИДДИН

ОЯНДА БО ЗЕҲНИ СУНЪӢ

Ташаккули ояндаи ба инсон нигаронидашуда барои зеҳни сунъӣ - Саммит оид ба татбиқи зеҳни сунъӣ - 2026



Дар лаҳзаи муҳими таърихи инсоният намояндагони тамоми ҷаҳон дар Саммит оид ба татбиқи зеҳни сунъӣ дар соли 2026 дар Деҳлии Нав ҷамъ омаданд. Барои мо дар Ҳиндустон ин лаҳзаи ифтихор ва шодмонии бузург буд - истиқболи сарварони давлатҳо, роҳбарони ҳукуматҳо, ҳайатҳо ва навоварон аз саросари ҷаҳон.

Ҳиндустон ба ҳар коре, ки иқдом мекунад, микёс ва нерӯ мебахшад ва ин саммит низ истисно набуд. Намояндагони беш аз 100 кишвар ҷамъ омаданд. Навоварон маҳсулот ва хидматҳои пешрафта дар самти зеҳни сунъиро муаррифӣ намуданд. Ҳазорҳо чавononро дар толорҳои намоишгоҳ дидан мумкин буд, ки савол медоданд ва имкониятҳои навро ба мушоҳида мегирифтанд. Кунҷковии онҳо ин саммитро ба бузургтарин ва демократитарин саммит оид ба ЗС дар ҷаҳон табдил дод. Ман инро як лаҳзаи муҳим дар рушди Ҳиндустон мешуморам, зеро ҳаракати ҳамагонӣ барои навоварӣ ва татбиқи ЗС воқеан суръат гирифтааст.

Таърихи инсоният шоҳиди пешрафтҳои зиёди технологӣ гардид, ки чараёни тамаддунро тағйир медиҳанд. Зеҳни сунъӣ дар баробари оташ, навиштан, барқ ва интернет чӣ гирифтааст. Аммо бо ЗС тағйироте, ки қаблан дахсолаҳо тӯл мекашиданд, метавонанд давомӣ ҳафтаҳо ба амал оянд ва ба тамоми сайёра таъсир расонанд.

Зеҳни сунъӣ мошинҳоро интеллектуалӣ мегардонад, аммо он бештар ниятҳои инсониро тақвият медиҳад. Хеле муҳим аст, ки ЗС инсонмеҳвар гардонида шавад, на мошинмеҳвар. Дар ин саммит мо некӯаҳволии инсонро дар маркази бахси ҷаҳонии ЗС қарор додем ва принсипи «Sarvajana Hitaya, Sarva-jana Sukhaya» (Некӯаҳволӣ барои ҳама, хушбахтӣ барои ҳама)-ро роҳнамой кардем.

Ман ҳамеша чунин мешуморидам, ки технология бояд ба одамон хизмат кунад, на баръакс. Новобаста аз он ки пардохтҳои рақамӣ тавассути UPI ё эмгузаронии COVID бошанд, мо дастрасиро ба инфрасохтори рақамии ҷамъиятӣ барои ҳама таъмин кардем ва хеҷ касро паси пушт нагузоштем. Ман ҳамин рӯхияро дар саммит дар кори навоварони мо дар самтҳое ба монанди кишоварзӣ, амният, кумак ба ашсони имконияткоҳяшон маҳдуд ва абзорҳо барои аҳолии бисёрсабона дидам.

Ҳиндустон аллакай намунаҳои имконияткоҳи тақвияткунандаи ЗС дорад. Ёвари рақамии "Sarla-ben", ки ба наздикӣ аз ҷониби кооперативи ҳиндии ширии AM-UL дар заминаи зеҳни сунъӣ ба кор андохта шудааст, ба 3,6 миллион деҳқон дар самти коркарди шир, ки асосан занон мебошанд, тавсияҳои вақеиро дар бораи саломатии чорва ва ҳосилнокии он бо забони модариашон пешниҳод мекунад. Ба ҳамин монанд, платформае дар асоси ЗС бо номи Bharat VISTAAR ба деҳқонон маълумоти бисёрзабона пешниҳод намуда, ба онҳо имкон медиҳад, ки дар бораи ҳама чиз - аз обу ҳаво то нархҳои бозор маълумот дастрас кунанд.

Инсонҳо хеҷ гоҳ набояд ба нуктаҳои одии додахо ё ашёи хом барои мошинҳо табдил ёбанд. Ба чойи ин, ЗС бояд ба абзори некӯахволии ҷаҳонӣ табдил ёбад ва имкониятҳои навро барои пешрафт дар кишварҳои Ҷанубӣ Ҷаҳонӣ фароҳам орад. Барои амалӣ кардани ин дидгоҳ дар зиндагӣ Ҳиндустон консепсияи MANAV - Идоракунии зеҳни сунъии ба инсон нигаронидашударо муаррифӣ кардааст.

М - Системаҳои маъмавӣ ва ахлоқӣ: ЗС бояд бар асоси принсипҳои ахлоқӣ бошад.

А - Идоракунии масъулият-нок: Қоидаҳои шаффоф ва назорати қатъӣ.

Н - Истиқлолияти миллӣ: Эҳтиромии ҳуқуқҳои миллӣ ба маълумот.

А - Дастрасӣ ва фарогирӣ: ЗС набояд дар инҳисор бошад.

V - Эътимоднокӣ ва қонунӣ будан: ЗС бояд ба қонунҳо мутобиқат кунад ва санҷидашуда бошад.

MANAV, КИ МАЪНОЯШ "ИНСОН" АСТ, ПРИНСИПҲОЕРО ПЕШНИҲОД МЕКУНАД, КИ ЗЕҲНИ СУНЪИРО ДАР АРЗИШҲОИ ИНСОНӢ ДАР АСРИ 21 РЕШАКАН МЕНАМОЯНД.

Эътимод - ин асосест, ки ояндаи ЗС ба он такя мекунад. Вақте ки системаҳои тавлидкунанда ҷаҳонро бо мундариҷа пур мекунанд, ҷомеаҳои демократӣ бо хатарҳои марбут ба фейк ва маълумоти нодуруст рӯ ба рӯ мешаванд. Ҳамон тавре, ки маҳсулоти хӯрокворӣ тамғаҳо дар бораи арзиши ғизоӣ доранд, мундариҷаи рақамӣ бояд тамғаҳое дошта бошад, ки аслияти онро тасдиқ намоянд. Ман аз ҷомеаи ҷаҳонӣ даъват ба амал меорам, ки бахри эҷоди стандартҳои умумӣ барои нишонгузорӣ ва санҷишаи манбаъ муттаҳид шаванд. Ҳиндустон аллакай бо қонунӣ кардани тамғагузории возеҳи мундариҷаи сунъӣ дар ин самт қадами аввалро гузоштааст. Некӯаҳволии фарзандон - ин масъалаест, ки ба мо хеле наздик аст. Системаҳои ЗС бояд бо дарназардоштӣ ҷорахои бехатарӣ, ки иштироки масъулиятноки ба оила нигаронидашударо ташвиқ мекунанд, сохта шаванд ва ҳамон гуна ғамхориеро, ки мо ба системаи маориф дар саросари ҷаҳон нишон медихем, инъикос намоянд.

Технологияи вақте фоидаи бештар меорад, ки онро мубодила мекунанд, на ин ки ҳамчун дороии стратегӣ нигоҳ медоранд. Платформаҳои боз метавонанд ба миллионҳо ҷавонон кумак расонанд, то дар бехатар намудан ва бештар ба инсон нигаронида шудани технология сахм гузоранд. Ин зеҳни дастачамъӣ - бузургтарин қудрати инсоният аст. ЗС бояд ҳамчун як неъмати умумии ҷаҳонӣ рушд кунад.

Мо ба даврае ворид мешавем, ки одамон ва системаҳои интеллектуалӣ якҷоя эҷод, ҳамкорӣ ва рушд хоҳанд кард. Касбҳои комилан нав пайдо мешаванд. Вақте ки интернет пайдо шуд, хеҷ кас наметавонист инмониятҳои онро тасаввур кунад. Дар ниҳоят, он шумораи зиёди имкониятҳои навро ба вучуд оварда ва ҳамин чиз бо зеҳни сунъӣ низ рӯй хоҳад дод.

Ман итминон дорам, ки чавонони дорои имкониятҳои васеи мо муҳаррики воқеии давраи ЗС хоҳанд буд. Мо такмили ихтисос, омӯзиш дар тамоми давраи умрро ташвиқ мекунем ва бузургтарину гуногунтарин барномаҳои рушди малакахоро дар ҷаҳон амалӣ менамоем.

Ҳиндустон хонаи яке аз бузургтарин хавзаҳои ҷавонон ва истеъдодҳои технологӣ дар ҷаҳон аст. Ба шарофати иқтидори энергетикӣ ва сиёсати дақиқ мо имкониятҳои беназире дорем, то тамоми иқтидори зеҳни сунъиро истифода бубарем. Дар ин нишаст ман бо ифтихор наззора кардам, ки ширкатҳои ҳиндӣ моделҳо ва барномаҳои зеҳни сунъии худро ба кор медароранд, ки умқи технологии ҷомеаи ҷавони инноватсионии моро инъикос мекунанд. Барои рушди экосистемаи зеҳни сунъии худ, мо таҳқурсии мустаҳками инфрасохторро месозем. Ҳамчун як қисми рисолати зеҳни сунъии Ҳиндустон, мо ҳазорҳо протсессорҳои графикиро ҷойгир кардем ва нақша дорем, ки ба зудӣ боз ҳам теъдоди бештарро ба роҳ монем. Ба шарофати дастрасӣ ба қудрати ҳисоббарории сатҳи ҷаҳонӣ бо нархҳои дастрас, хатто ҳурдтарин стартапҳо метавонанд ба бозигарони ҷаҳонӣ табдил ёбанд. Мо инчунин як анбори миллии зеҳни сунъиро таъсис додем, ки дастрасӣ ба маҷмӯаҳои додаҳо ва моделҳои онро демократӣ мекунад. Аз нимноқилҳо ва инфрасохтори додаҳо то стартапҳои динамикӣ ва таҳқиқоти амалӣ - мо ба тамоми занҷираи арзиш тамарқуз мекунем. Гуногунрангӣ, демократия ва динамикаи демографии Ҳиндустон муҳити мусоидро барои навоваронаи фарогир фароҳам меоранд. Роҳҳалҳои дар Ҳиндустон муваффақ метавонанд ба инсоният дар ҳама ҷо хизмат расонанд. Ба ин рӯ, мо ба тамоми ҷаҳон мурочиат мекунем: дар Ҳиндустон нақшабандӣ кардаву рушд намоед. Ба ҷаҳон нишон дихед. Ба инсоният манфиат биёред.

Нарендра МОДӢ,
Сарвазири Ҳиндустон





АЗ КИТОБИ СЕНДИ ГАЛЛ «НАПОЛЕОНИ АФҒОНИСТОН»

ОШИҚИ ТАРРОҲИИ САҲНАИ НАБАРД

(Идома аз шумораҳои гузашта)

... Дар соли 1971, ҳангоме ки дар ҳаждаҳсолагӣ бо натичаҳои дурахшон фориғуттаҳсил шуд, калидитарин тасмими зиндагиашро гирифт. Ба гуфтаи Бэрри, муаллимони фаронсавӣ Масъудро барои гирифтани бурсияи таҳсилӣ аз Фаронса ташвиқ мекарданд. Дар ҳоле ки донишмӯзони заифтар тавониста буданд ин бурсияро дарёфт кунанд, Масъуд ба он таваҷҷуҳ надошт. Ӯ бовар дошт, ки корҳои зиёде барои анҷом дар Ватан ҳаст. Ӯ аз мондан дар Афғонистон хушҳол буд...

Дар мавриди роҳе, ки барои ояндаи интихоб кард, дар ҳонаводааш бахсу чидолҳои зиёде шакл гирифт. Масъуди чавон зоҳиран ба падараш гуфта буд, ки мехоҳад роҳи ҷӯро идома диҳад ва аз ӯ ҳоста буд номашро дар академияи низомӣ сабт кунад. Вақте ба он солҳо менигарем, бояд бигӯем, ки тасмими Масъуд воқеан ҳам ачиб буд. Боре фурсате даст дод ва падарашро пас аз давраи бознишастагиаш, замоне ки ба иллати юриши нерӯҳои Шуравӣ дар Пешовар сукунат ихтиёр карда буд, мулоқот кардам. Ӯ бо ёдоварии хотироте аз кӯдакии Масъуд, ки ҳамеша ошиқи тарроҳии саҳнаҳои ҷанг буд, тавзеҳ медод, ки чӣ гуна Масъуд дӯстонашро ба ду гурӯҳ тақсим карда, барои ду артиш набард тарҳрезӣ мекард.

Дар ниҳоят ва бар хилофи майли ботинӣ қарор бар он шуд, ки Масъуд дар Институти политехникии Кобул, ки навтарин ва муътабартарин донишкада дар Донишгоҳи Кобул буд, сабти ном кунад. Ин донишгоҳ дар соли 1967 таъсис ёфта, идора ва таъмини молии он бар уҳдаи русҳо буд. Дар он ҷо муҳандисӣ ва меъморӣ тадрис мешуд ва Масъуд барои идомаи таҳсил риштаи меъморӣро баргузид. Ӯ, ки парвардаи низоми омӯзишии Фаронса буд, вориди ҷаҳони комилан мутафовите шуд. Дар дабириston устодони фаронсавӣ ё афғонҳое, ки дар Фаронса таҳсил карда буданд, ба ӯ дарс медоданд. Дар политехник бошад, устодони рус ё афғонҳое, ки барои таҳсил ба Шуравӣ рафта буданд, ба донишҷӯён дарс медоданд. Бо вучуди он ки дар мактаб фаронсавӣ омӯхта буд, дар донишкада ҳаргиз русӣ наомӯхт ва ҳатто талошеҳам накард.

Дар он давра Кобул дар авчи мавҷхои рӯ ба афзоиши исломи сиёсӣ ва миллатгарои зиддикоммунистӣ қарор дошт. Ногузир ва шояд ба сабаби шароити ҳоким бар Кобул ва зеҳни кунҷковаш, Масъуд дар соли дуюми Политехник - соли 1972 ба баҳсҳои сиёсӣ алокаманд шуд. Ӯ аз беэҳтиромии донишҷӯёни коммунист дар синфҳои дарсӣ нисбат ба ислом ҳашмгин буд ва бо тавсияи донишҷӯёни исломгаро бо ду дӯсти дигар ошно шуд: муҳандис Муҳаммад Исҳоқ аз Панҷшер ва муҳандис Ҳабибурраҳмон. Ӯ узви Созмони чавонони мусулмон шуд, ки вобаста ба хизби исломгарои «Ҷамъияти исломӣ» ба раҳбарии Бурҳониддин Раббонӣ - устоди факултаи илоҳиёти Донишгоҳи Кобул ва аз тоҷикони Бадахшон буд.

17-уми июли соли 1973 салтанати тӯлонӣ ва ороми Зоҳиршоҳ бо кудатои шоҳзода Довуд - писари амаки худкомааш ва наҳуствазири собиқ бераҳмона фурӯ рехт. Довуд бо сӯиистифода аз ғиёби подшоҳ, ки барои муолиҷа ба Италия рафта буд, салтанатро лағв карда, худро раисҷумхури Афғонистон эълон намуд. Ӯ барои омодасозии кудато бо теъдоде аз афсарони рус дар артиши Афғонистон ҳамоҳангии лозимаро анҷом дода буд ва пулис таҳти фармони ӯ назорат бар донишҷӯён, бахусус донишҷӯёни дорои гароишҳои исломиро оғоз кард.

Дар ҳамин айём Масъуд, ки аз афзоиши беэҳтиромии донишҷӯёни коммунист ва ҳатто бештар аз он аз устодони рус асабонӣ буд, шакли дигаре аз қудрати хашми анбоштаашро ба намоиш гузошт. Рӯзе ӯ бо яке аз устодони руси худ вориди баҳси лафзӣ шуд ва ин баҳс ба занозанӣ кашид: Масъуд мушти сахте ба устоди рус зад ва ӯ бар замин афтод. Каме баъд ӯ аз синф ва ҳатто аз худи Кобул ҳам хориҷ шуд. Хонаводааш низ намедонистанд, ки ӯ ба кучо рафтааст. Дар воқеъ, ӯ ва теълоде аз донишҷӯёни мубориз дар як-ду рӯзи баъдӣ аз марзи Покистон убур карда буданд.

(Давом дорад)

РИСОЛАТИ ТАЪРИХШИНОС

дар пешбурди Конуни тамаддуни ориёӣ

Таърих ҳамчу панҷаи
наққоши чирадаст,
Тасвири содиқонае аз
мо кашиданист.
ОЗАРАХШ

Суханони Абулфазли Балъамӣ, вазири донишманди аҳди Сомониёнро созгори ҳусни оғози баён донистем: «Ваҳдату ҳамдастӣ ва муттафиқию ҳамсилкии аҳли ҷомеа ва вафопешагӣ бар Меҳани хеш пояи бозъятимоди Истиқлол, тавоноӣ ва шикастнопазирии давлат аст».

Тасмимҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сарварии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар арсаи дипломатияи фарҳангӣ, ки онро коршиносон комёбии «нерӯи нарм»-и сиёсати хориҷии ҶТ медонанд, боиси он шуд, ки таҷлили бозёфти ёдгориҳои таърихӣ, чашни 2200-солагии шаҳри Истаравшан, 2500-солагии шаҳри Ҳуҷанд, 2700-солагии шаҳри Кӯлоб, 3000-солагии Ҳисор, 5500-солагии Саразм, Наврӯзи байналмилалӣ ва дигар расму ойинҳо шуҳрати ҷаҳонӣ касб карда, заминаи омӯзиш ва муаррифии ин ҷойгоҳҳои таърихӣ мусоидат шавад.

Дар соли 2025-ум 11 ёдгории мероси фарҳангии Ҳуттали қадим (дар нохияҳои Ҷалолиддини Балхӣ, Данғара, Восеъ, Фархор ва Ховалинги вилояти Хатлон), бузургдошти 1050-солагии Робиаи Балхӣ, эътирофи шаҳри Панҷакент бо сифати «Шаҳри ҷаҳонии ҳунарҳои дастӣ барои сӯзанидӯзӣ» бо сатъю талошҳои бесобиқа ба Феҳристи ЮНЕСКО ворид гардиданд.

Тасмими Роҳбарияти олӣ, ки аз Паёми Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ аз 16-уми декабри соли 2025 бармеояд, нуктаи таҳқиқии масъалаҳои таърихӣ ва таърихнигории муосири тоҷик аст, зеро дар он дар бораи бунёд кардани Конуни тамаддуни ориёӣ таъкид гардидааст, ки масъулияти на танҳо шахрвандон, балки таърихшиносон ва омӯзгорони фанни таърих дар тамоми сатҳи таҳсилот мебошад.

Ба ақидаи дастачамъонаи олимони соҳа «Конуни тамаддуни ориёӣ» маркази илмӣ-тадқиқотӣ ва таҳлилӣ мебошад, ки барои муаррифии тамаддуни ориёӣ ба ҷаҳониён таъсис дода мешавад.

Дар ҳошияи ниҳодина ва бунёдӣ сохтани Конуни тамаддуни ориёӣ аҳамияти омӯзиши таърих аз он иборат аст, ки мо бифаҳмем, ки ҷаҳон чӣ тавр рушд ёфтааст, бо қадом қонунҳо пеш рафтааст, одамҳо дар гузашта чӣ гуна зиндагӣ мекарданд ва чӣ тавр рафтори онҳо ба воқеаҳои имрӯза таъсиргузоранд. Омӯзиши таърих ҳамчунон барои шаклгирии ҷаҳонбинии инсон ва рушди тафаккури таҳлилӣ мусоидат мекунад.

Омӯзиши фанни таърих бо такя ба манбаву сарчашмаҳои дасти аввал дар замоне, ки нардбони шадиди ҷаҳонӣ ва минтақавӣ баҳри аз худ кардани дастовардҳои моддиву маънавии гузашта оғоз шудааст ва шакли оштинопазирро касб кардааст, метавонад дар ростои баланд бардоштани дониш ва биниши таърихӣ, худогоҳӣ ва худшиносии миллӣ муфид ва коромад бошад.

Таҳлили равандҳои илми мусоир, ки илми таърих ҳисмати умда ва муҳими онро ташкил медиҳад, ба соҳаи аввалиндарачаи маърифатӣ барои ташаккулии тафаккури миллӣ, ҷаҳонбинии илмӣ ва ҳофизаи таърихӣ табдил ёфтааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ягона кишвари дунявӣ дар қаламрави Ориёнои таърихист ва агар аз зовияи эъмори давлатсозӣ ба вазъияти умумиҷаҳонӣ нигарем, дастовардҳои давлати муосири тоҷикон чӣ дар самти миллатсозӣ ва чӣ дар тарвичи тамаддуни фавқулода беназири миллӣ барҷаста ва бамаротиб афзалиятнок аст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳор доштанд, ки «Мо тоҷикон, ҳеҷ ниёзе ба таҳрифи гоҳонаи таърих, таърихсозӣ, бузургтарошӣ ва падидаҳои дигари ғайриилмӣ ва зиддиилмӣ надорем. Мо онҷунон таърихи дурахшон дорем, ки ҳатто шинохти нисбии он муҷассамаи гӯё ва возеҳи мо хоҳад буд» (Каримзода Ү. Н. Таърихе, ки зи ҳар лаҳзааш мерасад бӯйи ифтихор. \\ Мероси ниёгон №25, с. 3).

Ба ақидаи олимони тоҷик таҳрифи таърих, ба хости ҳуд мутобиқ ва тафсир намудани таърихи кишварҳо чиҳати қадимтар ва аслтар вонамуд кардани равандҳо, ҳодисаҳо ва шахсиятҳои таърихӣ ба майдони рақобатҳо табдил ёфтааст.

«Дар тӯли таърих», «аз бомдоди таърих, «таърих гувоҳ аст», «сабақҳои таърих» сухан ва иборақоеанд, ки мазмуну муҳтавои мақолаҳои илмӣ-оммавӣ ва китобу асарҳои гуногунро дар бар мегиранд.

Аз ин рӯ, таърих илми аслӣ дар таҳкими шахсиятсози мардуми бедор аст, зеро донистан ва дарк кардани воқеаҳои таърихӣ, созгор сохтани дошташро таърихӣ бо рӯйдодҳои муосир, хулосабарорӣ бар асоси маънатики таърихӣ - аз масъалаҳои муҳими таърихшиносӣ маҳсуб мешаванд.

Дар ин робита савол ба миён меояд, ки таърихшинос кист? Ва таърих чист?

Таърихшинос касест, ки дар асоси сарчашмаҳои таърихӣ тасвири нисбатан мукаммали рӯйдодҳои гузаштаро ба хотири ояндаи нек меомӯзад. Ӯ шахсест дорои иқтидори истисноӣ, чуръат ва часорати шахсӣ, дониш ва фаҳмиши фаррох, вусъати андеша, дорои хислатҳои неку ҳасанаи андешаварзӣ, холисона баҳо додани ҳодисаву рӯйдодҳо, суханвари асил, ҳадафманд ва рисолатманд.

Таърих - дар зеҳн ва умқи афкори инсонҳои ҳушиноси чӣ гирифтааст, пойгоҳи кавиши ҷаҳонбинии илмиест бар пояи сарчашмаву манбаъҳои боэътимод, ёдгорихо, катибаҳо, дастхатҳо, китобҳо, хотираҳо, аксу наворҳо, нишонаҳои меъморӣ-сохтмонӣ, эҷодиёти дахонии шифоҳӣ ва ҳаттии халқ, адабиёт, забон, илм. Бо тадқиқоти таърихӣ рох равшан, ҳадафҳо мушаххас, дурнамои рушд муайян ва ҳушдор аз паймодҳои сангин аниқ карда мешавад.

Таърих - такягоҳи илмҳои таҳлилӣ-тадқиқотӣ барои бозтоби дурнамои рушди ҷомеа бо такя ба ёдгорихои таърихӣ, сарчашмаҳои муътамад, кошиву хафриёти заҳматталаб, хотираҳои шахсиятҳои шинохта, тангаву пулҳо, катибаву сангнавиштаҳо, тадқиқоту пажӯхишҳо, китобҳои нодири таърихӣ, дастовардҳои моддӣ, биноҳои меъморӣ, намунаҳои ҳунарӣ, санъатӣ ва ғайра раванди омӯзиши ҳаёти инсон ва вазъи давлатҳоро инъикос мекунад.

Бешак, таърих илмест, ки вичдон ва ҳофизаи инсониро дар ҳуд таҷассум менамояд. Аз пайдоиши давлат ниёзи чиддӣ ба таърих, зеҳнсозии таърихӣ ва омӯзиши ин илми эҳёгар мавҷуд будааст.

Омӯзгори фанни таърих бошад, рисолати истисноист, ки барои расонидан ва дар зеҳни хонанда ҷой кардани додаҳо ва ёфтаҳои таърих вазифадор аст. Ӯ машъали ҳамешафурӯзони дониши таърихиро бар асоси ахбори муътамад ва боварибахш таҳлил ва тадқиқ менамояд, банду баст мекунад. Истифодаи тарзу усули баёни дарси таърих, асбобҳои аёнӣ (интерактивӣ, презентатсия, аудиовизуалӣ), харитаҳои ранга, намунаҳои сарчашмаҳои боварибахш (ёдгорихои таърихӣ, ҳуҷҷату китобҳои таърихӣ, тангаҳо) хонандаро мафтуни рӯйдодҳои гузашта мекунад. Хонанда дар асоси ёфтаҳои таърихӣ дарси ибрат мегирад, қутбнамои ояндаи худро мушаххас мекунад.

Омӯзгори таърих дар сарҳади илмҳои дақиқ ва ҷамъиятӣ қарор дорад, онро баъзе муҳаққиқон марбути илми иҷтимоӣ ва баъзеи дигар илми инсонӣ унвон карданд, зеро бо даллелу рақамҳои дақиқ, хисоббарориҳои дар асоси солномаву моддаи таърих бунёдёфта саруқор мегирад.

(Давомаш дар саҳ. 13)

СОЛҲОИ ОХИР НАТАНҲО ДАР КИШВАРҲОИ МУСУЛМОННИШИН, БАЛКИ ДАР КИШВАРҲОИ ҒАРБ НИЗ РӮЗАДОРӢ БА ШАКЛҲОИ ГУНОГУН МАЪМУЛ ГАШТААСТ. ЗЕРО ТАБИБОНУ КОРШИНОСОН ТАДҚИҚОТҲОИ ЗИЁД ГУЗАРОНИДА, ИСБОТ КАРДААНД, КИ ПАРҲЕЗ, ГУРУСНАНИШИНӢ ВА РӮЗАДОРӢ БА АКСАРИЯТ БЕМОРИҲО ДАРМОН МЕБОШАД.



РӮЗА ГИРЕДУ ШИФО ЁБЕД

Олмон яке аз кишварҳои дар соҳаи тиб пешрафта буда, дар 29 муоличахонаи ин кишвар тавассути рӯзадорӣ беморонро табобат карда истодаанд.

Табиб ва коршиноси олмонӣ Ҳелмут Лютер қайд мекунад: “Рӯзадорӣ бехтарин воситаи таббиии тоза намудани меъда аз партовҳои захролудшудаи дар тӯли солҳо ҷамъшуда мебошад”.

Равоншиноси олмонӣ Юрген Вон Шедит бошад, қайд мекунад: “Барои чашидани фазои маънавии чашнҳои динӣ тавассути рӯзадорӣ омодагӣ дидан мухим аст”.

Ба ҳамагон маълум аст, ки ҳангоми беморӣ, ҳам ҳайвонҳо ва ҳам инсонҳо аз истеъмоли ғизо даст мекашанд. Сабаби ин вақте ки вучуд дар хатар аст, он намехоҳад бо ҳазми ғизо машғул бошад. Зеро системаи ҳозима аз се як қисми энергияи баданро сарф мекунад. Дар ҳоле ки бояд тамоми қуввати бадан бо мубориза бар зидди беморӣ фаъол бошад.

Доктор Отто Бучингер дар китоби худ “Рӯзаи шифобахш” қайд мекунад: “Ман ба бемории тарбод (ревматизм) гирифтор шудам. Рӯз то рӯз аҳволам бад мешуд. Дар охир зери назорати коршиноси олмонӣ Густав Ридл рӯза дошта, пурра аз беморӣ раҳо ёфтам”.

Бучингер аз болои зиёда аз 10 000 беморон тадқиқот гузаронида, ба хулосае омад: “Ба истисноӣ беморихои ба монанди пастии фишори хун хеч беморӣ нест, ки рӯзадорӣ табобат накунад. Рӯза чарроҳии таббиии бидуни корд мебошад”.

Мутахассис Хелга Буглер фарк байни гуруснанишинӣ (ҳамчун нишонаи эътироз аз хӯрок рӯ гардонидан) ва рӯзадориро чунин шарҳ медиҳад: “Ягона фарки байни гуруснанишинӣ ва рӯзадорӣ нияти инсон аст. Рӯза амали мусбати хоҳишмандона аст. Гуруснанишинӣ бошад, натича ва раванди амали манфӣ аст. Тавре маълум аст, хашму ғазаб ва асбоният дар меъда кислотаро истеҳсол намуда, гуруснагиро меафзояд. Шахси рӯзадор бошад, гуруснагиро ҳис намекунад. Вале гуруснанишин бо гурусnагии тоқатфарсо рӯ ба рӯ мемонад”.

Ҳелмут Лютер дар асараш “Рӯзадор ба мисли кӯдаки навзод” қайд мекунад: “Аслан гуруснагие, ки рӯзадор ҳис мекунад, ин раванди табобат ёфтани вучуд мебошад. Ҳамин тавр, тӯли якчанд соат бофтахои моддахои бемор ва заарнок аз бадан чудо мешаванд. Ҳангоми рӯзадорӣ сабаби бӯйи даҳон низ аз хамин лихоз мебошад”.

Мавриди зикр аст, ки дар рӯзхои аввали рӯзадорӣ истеъмоли фаровони мева порахои бокимондаи гӯштро дар меъда аз пусидан рахо хохад кард. Ба ин васила дилбехузурӣ ва дарди сарро бартараф мекунад.

ДУ РОҲИ ОСОНИ ХАРОБШАВӢ

Солҳои охир нафарони зиёде аз фарбеҳӣ шиква мекунанд. Мо ба шумо ду роҳи лоғаршавиро тавсия медиҳем.

Фарбеҳии аз ҳад зиёд ба саломатии инсон зарар дорад, барои ҳамин кӯшиш кунед, ки вазни зиёдатиатонро ҳарчи тезтар партоед. Барои ин шумо бояд аз хӯрдани хӯрокҳои сергӯшт, хамирӣ ва равғанӣ қатъиян даст кашида, фақат хӯрокҳои сабуки обчӯш ва меваю сабзавот истеъмол намоед. Кӯшиш кунед, ки баъди соатҳои 4-5-и бегоҳ дигар аслан хӯрок нахӯред. Шабона пеш аз хоб як кефир нӯшида, бъд ба чойгаҳ дароед, он ҳам дарунро покорӣ мекунад ва ҳам ба партофтани вазни зиёдатӣ мусоидат менамояд. Ҳатман бо варзиш машғул шавед ва бештар дар ҳавои кушод пиёда роҳ гардед.

Дар баробари ин амалхо мо ба шумо боз чанд гиёхеро тавсия медиҳем, ки ба об кардани равғани бадан мусоидат менамоянд:



Якум. Решаи чокла, раҳдавак, пудинаи кӯҳӣ, риши чуворӣ, алафи газанда ва бобунаро ба андозаи баробар гирифта, ҳар рӯз ду кошуқ аз ин гиёҳҳои омехташударо дар зарфе андозед ва аз болояш 400 грамм об чӯш резад. Пас аз ду соат гиёхобро полонед ва дар як рӯз 3-4 маротиба нимпиёлагӣ пеш аз хӯрок бинӯшед. Ин амалро ду-се ҳафта ҳамарӯза такрор кардан лозим аст, то натичаи дилхоҳ ба даст ояд.

Дуюм. Як кошуқ риши чуворирро дар термос андохта, ва болояш 200 грамм об чӯшидаро резед ва даҳони зарфро маҳкам карда, монед як-ду соат истад. Ин гиёҳобро рӯзе се маротиба ним соат пеш аз хӯрок нӯши чун намоед, дар давоми ду ҳафта хеле хароб мешавед.

Тақвим

Ҳамал 21.03 - 20.04

Рӯзхои душанбе ва сешанбе барои рафъи мушкилиҳои оилавӣ хеле мусоиданд. Ҳатто бо ҳамсари яқравтарин ҳам забон ёфтанатон дар ин рӯзхо осон мегардад, ба шарте ки бо далелҳои муътамад гап заneду ба асабоният дода нашавед.



Саратон 22.06 - 23.07

Агар нияти харидани мебел ё техникаи рӯзгорро дошта бошед, ҳафтаи мазкур барои ин иқдоматон айни муддао аст. Қабл аз он ки пули калон сарф мекунед, ба маъзаву бозор рафта, мебел ва техникаи даркориро интихоб намоед.



Мизон 25.09 - 22.10

Дар хаёти нафароне, ки ошиқ шудаанд ё нав ошиқ мешаванд, лаҳзаҳои хотирмон рух медиҳанд. Агар шумо ҳанӯз ҳам танҳо бошед, барои пайдо намудани муҳаббати худ маъюлтар бошед. Охири хафта барои саломатии худ маблағро дареғ надоред.



Ҷаддӣ 22.12 - 20.11

Тамоми хафта бо масъалаҳои пулӣ ва хариду фурӯш алоқамандӣ дорад. Он чизеро, ки қайҳо дар ҷустуҷӯяш будед, харидорӣ мекунед. Тамоми чизхои аввали хафта харидорӣ намудаатон бобарор мешаванд. Миёнаи хафта бо яке аз наздикон мунокиша мекунед.



Савр 21.04 - 21.05

Аввали хафта корхоятон бобарор анчом меёбанд, хешовандон, дӯстон ва нафарони воломакоме, ки аз онҳо бисёр масъалахо вобастагӣ дорад, ба шумо кумак мерасонанд. Барои он ки даромади хуб ба даст овар-да тавонед, дар хама кор ташаббус нишон дихед.



Асад 23.07 - 22.08

Дар ин хафта миёни шумо ва хамсафари хаётаатон боварӣ ва хамдигарфахмӣ зиёд мегардад. Шумо сифатхои бехтарини дӯстдоштаи худро муайян месозед, ки қаблан пай набурда будед. Нафароне, ки бо савдо сарукор доранд, маблағи хуб ба даст меоранд.



Ақраб 23.10 - 22.11

Ақрабхо дар ин хафта бояд дикқати бештари худро ба ахли оилаи худ равона созанд. Қабл аз хама аз саломатии ахли оила ва наздиконтон бохабар гардед. Аз чунин ғамхории шумо наздиконатон беҳад шод мегарданд. Инчунин аз ичро намудани корхои хона рӯ натобед.



Далв 21.01 - 19.02

Дар ин хафта ба бемориву камбудихои шахсӣ диққати бештар чудо кунед. Ғами дигаронро хӯрданатон хуб аст, вале боре дар бораи худ фикр карда, аз пайи табобати бемориҳоятон шавед. Аз муносибатхои пинхонии ошиқона худдорӣ намоед.



Ҷавзо 22.05 - 21.06

Муносибатхоятон бо шахси дӯстдоштаатон вайрон мегардад. Агар вактхои охир нисбати якдигар бемеҳр гашта бошед, вакте расидаast, ки камбудихоро ба рӯйи якдигар ошкоро гуфта, зиндагиро аз нав оғоз намоед.



Сунбула 23.08 - 22.09

Дар ин хафта хохиши тозаву озода кардани хонаву дарро мекунед. Хафта барои мустаҳкам сохтани саломатӣ созгор аст. Ба тозагӣ риоя кунеду барои пешгирӣ намудани беморихои вирусӣ ва шамолкашӣ кӯшиш ба харч дихед.



Қавс 25.11 - 21.12

Дар ин хафта хохиши сафар кардан лаҳзае ороматон намегузорад. Бо пайдо шудани камтарин имконият ба ҷойе сафар кардану бо нафаре шинос шудан мехохед. Хушбахтона, хафта барои сафару шиносой созгор аст.



Ҳут 20.02 - 20.03

Дар ин хафта барои шумо оромиву сукут лозим аст. Барои он ки бо дӯстдоштаатон ранчишу озурдагӣ рух надихад, то охири хафта бо бахонае аз ӯ худро дур гиред. Баъди он ки асабҳоятон орому калбатон осуда мегардад, ба худ меоед.

РИСОЛАТИ ТАЪРИХШИНОС

дар пешбурди Конуни тамаддуни ориёӣ

(Аввалаш дар саҳ. 11)



Дақиккорӣ, нуктасанҷӣ, чузъиандешӣ - хислатхои шахсӣ ва равонии омӯзгори таърихро ташкил медиҳанд.

Таърих фаннест, ки инсонро ба ҳувият, чистӣ ва кистии ӯ ошно менамояд, худшинос ва рисолатманд мегардонад. Оянда ба чуз таърих роҳнамои дигар надорад. Агар ба таърихнигории тоҷикон назар афканем, саҳифахои ифтихорофарин бисёранд, ҳарчанд дар таърих бо мутлақият бахогузорӣ кардан нашояд, саҳифахое хам арзи вучуд доштанд, ки эҳсосоти ногуворро низ дар пай доштанд. Ҳучуми ачнабиён, истилои лашкари бегона, аз даст додани марказхои тамаддунӣ низ аз ин саҳифахои таърихианд.

Омӯзгори фанни таърих бо тарҳрезии тадриси муносиб бо такя ба дастовардхои пешрафтаи илми таърихнигорӣ ва технологияи муосир ёфта ва андӯхтаҳоро холисона ба хонанда мерасонад. Дар вучуди онҳо эҳсоси ифтихорро бедор мекунад, ахолишиносии таърихӣ, бойгонишиносӣ, бонистика, бостоншиносӣ, дастхатшиносии таърихӣ, диломатика, кишваршиносӣ, насабшиносии нубуғӣ ва ғ.) мавчуд мебошанд.

Сухан дар оғози мақола дар бораи сарчашмахои дасти аввал рафт, ки дар амри омӯзиши таърхи халқи точик муҳим ва калидӣ арзёбӣ мешаванд ва омӯзгори фанни таърих метавонад аз онҳо истифода кунад. Ба акидаи ғолиб ин сарчашмахо инҳоянд: «Авасто», «Шоҳнома» (А. Фирдавсӣ), «Таърих» (Херодот), «Таърихи Байҳақӣ» (Абулфазл ибни Муҳаммад Дабир), «Таърихи-р-русум вал-мулук» (Табарӣ), “Муручу-з-заҳаб” (Масъудӣ Абулҳасан Алӣ ибни Ҳусейн), «Ҳудуд-ул-олам» (муаллифаш номаълум), «Таърихи Баромака», «Муҷмали Фасехӣ» (Фасехи Хавофӣ), «Таърихи комил» (Иззуддин ибни Асир), «Таърихи Табарӣ» (Балтъамӣ), «Футух-ул-Булдон» (Ахмад ибни Яҳё ал-Балозурӣ), «Осор-ул-билод ва ахбор-ул-ибод» (Зикриё ибни Муҳаммад ибни Махмуди Қазвинӣ), «Таърихи Бухоро» (Наршахӣ), «Осору-л-боқия» (А. Берунӣ), «Таърихи Ибни Халдун» (Ибни Халдун), «Зайну-л-ахбор» (М. Гардезӣ), «Таърихи Яъқубӣ» (Ибни Возеҳи Яъқубӣ), «Таърихи Яъқубӣ» (Ахмад ибни Исҳоқи Яъқубӣ), «Таърихи Систон» ва ғ.

Суханони Херодот - таърихнигори юнонӣ, ки мақоми «падари таърих»-ро дорад ва солҳои 484-425 пеш аз милод зистааст, дар бораи гузаштагони барӯманди мо собит месозад: «Бартарии асоситарини точиҳхо (форсҳо) ин шучоатмандии онҳост». Ҷойи дигар дар мавриди муаррифии халқиятҳои ҳудуди давлати паҳновари Ҳахоманишӣ, ки тамоми қаламравии Осиё ва Африкои мутамаддини он замонро фаро мегирифт, ёдовар мешавад: «Аз тамоми ин халқҳо точиҳхо интизоми харбии бехтар доранд ва аз хама далертару шуҷоатмандтаранд».

Шинохти хештан ва ё таърифи худшиносӣ чӣ маъно дорад? Дар вазъияти чаҳонишавӣ то кучо инсон сохибихтиёр ва мустақил аст? Точикон ҳамчун миллати кӯҳанбунёд ва тамаддунофар дар хифзи истиклолияти зехнӣ чӣ корҳоро бояд анҷом диҳанд, паёмҳое ҳастанд, ки посухи онҳоро таърих мохирона ироа медиҳад. Дар такя ба тасаввуре, ки аз таърих бармеояд, агар симои равонии ориёиҳои пешин, яъне ниёгони ҳудро тасвир кунем, чунин хоҳад буд: мардуме шучоъ, ғолиб, чавонмард, озода, қатъй, дорои рӯхияи чангии баланд, муттаҳид ва артишдор.

Нависанда Сотим Улугзода, яке аз пешгомони масири эҳёгарии миллат дар бораи хештаншиносӣ басо ҳадафманд нигоштааст: «Маънии зиндагӣ дар ҳамин аст: ҳудро афрӯхтану роҳи дигаронро мунаввар кардан. Ҳар кас ба ин дунё ба ташвиши ҳудаш меояд, аниқтараш меоранд ӯро. Аммо дар натичаи донишу биниш ва андӯхтани тачрибаи рӯзгор тадричан дар бораи маънии ҳастӣ ва мавкеи ҳудаш дар чомеа сарфаҳм рафта, мехоҳад, ба нафъи қавму халқи ҳудаш, дар мачмуъ башар хидмате карда бошад. Охир, рисолати инсон дар рӯи замин ва маънии ҳастии мо дар ҳамин аст».

Дар фарҷом чанд пешниҳод ва мулоҳиза барои боз ҳам бо-ло бурдани сатҳи маърифатнокии таърихӣ мазур менамоем:

- бо таъсиси Конуни тамаддуни ориёӣ ба роҳ мондани тадқиқоти густурдаи илмӣ, хусусан, омӯзиши ёдгорихои таърихӣ, ба роҳ мондани ҳафриёт, ҳуҷҷатгузории раванди таърихии тоҷикон аз бомдоди таърих то имрӯз;

- истифодаи мақсадноки мутахассисон аз дастовардхои зеҳни сунъӣ барои тартиби таърихи тоҷикон;

- нашри мачаллаи илмӣ-оммавии «Ориёӣ»;

- ба роҳ мондани таблиготи ҳадафманд дар сомонаҳои иҷтимоӣ дар бораи ёдгорихои таърихӣ, маконҳои сайёҳӣ. Эҷоди махзани таърихӣ;

- боз кардани рубрикаи вижа дар рӯзномаву ҳафтномаҳо аз марказ то вилоятҳо зери мавзуи «Конуни тамаддуни ориёӣ»;

- таҳияи филмҳои бадеӣ, ҳуҷҷатӣ, хусусан, филмҳои анимасионӣ барои кӯдакон дар бораи таърихи тоҷикон бо забони сода ва омафаҳм;

- бознашр ва матни интиқодии китоб, рисола, тадқиқотҳое, ки дар Осиёи Марказӣ, Қафқоз, Россия, Аврупо, Эрон, Чин, Амрико ва дигар кишварҳо дар бораи тамаддуни ориёӣ ҳастанд;

- мушаххас кардани номгӯйи рисолаҳои илмӣ дар мавзуи мазкур;

- тарзи таълими осори таърихи тоҷикон дар мактабҳои миёнаву олӣ бознигарӣ карда шуда, соатҳои дарсӣ зиёд ва ба ниёҳои имрӯзаи маънавиёт ҳамсон ва созгор карда шаванд, то шахрвандони кишвар, алалхусус насли наврас, дар шинохти таърихи худ комёб бошанд, аз ҳучуми афкори бегона барои миллат ҳудро дифоъ намоянд;

- бо мақсади таълим ва тадриси нишонаси ҳодисаҳои гузашта бо такя ба ҳақиқатнигории таърихӣ барномаҳои фанни таърихро тақия намудан мувофиқи мақсад аст.

«Муаррихон ба унвони касоне, ки дар зиндагии пешиниён сайр карда ва перомуни он мутолиа ва тафаккур мекунанд, калиди фахми ахволи гузаштагон ба шумор мераванд».

Дар тафаккури мардуми Аврупо касеро ёфтан ғайримумкин аст, ки даврони Эҳёро инкор намояд ё ки дар Осиё ба таълимоти Буддову Конфутсий эҳтиром қоил набошад ва ё ки назарпарадози амрикоиро дидан, ки аз дастовардхои Олами кӯхан ифтихор накунад.

Пас чавоби мантиқӣ дар ҳошияи мақола он аст, ки мо - точикон низ ба ҳайси пойгоҳи қавии маърифатӣ ба бунёди таърихи 6-ҳазорсолаи худ, ба арзишхои давлатсозӣ, ба пуштивонаи маънавии устувор, донишгустарӣ ва тамаддунофарии ҳудӣ такя кунем ва пеш равем.

Барои татбиқи Конуни тамаддуни ориёӣ пеш аз ҳама фарҳанги мудирияти волои Пешвои миллат, Президенти мухтарами ҶТ Эмомалӣ Раҳмон, ҳувияти созанда ва зарфияти ободкории миллати точик бо дарки қудрати ҳудӣ ва барчастагии ҳудшиносии милӣ мусоидат хоҳад кард.

Умед НАЗАРОВ,
номзади илмҳои таърих

МАВЛУДНОМА

5 МАРТ

Муҳаммадқул Арабов (1921-2003), 105-солагии зодрӯзи коргардон ва наворбардори кино.

Соҳиб Сангинов (1956), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

6 МАРТ

Наиля Асфандиёрова (1951), 75-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, ҳзви вобастаи АИ Тоҷикистон.

Маҳмадқул Ҳусейнов (1936), 90-солагии зодрӯзи журналист.

Равшанбек Эркаев (1951-2004), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

Убайдулло Эшонқулов (1931-1999), 95-солагии зодрӯзи олими соҳаи ситруспарварӣ, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Сино.

7 МАРТ

Шаҳобиддин Абдуллоев (1956), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи химия.

Абдурауф Аминҷонов (1931-2014), 95-солагии зодрӯзи наққоши хизматнишондодаи ҷумҳурӣ.

Алӣ Бобоев (1936), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи геология, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Сино.

Фаррух Искандаров (1946), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи геология.

Иззатулло Раҳимов (1956), 70-солагии зодрӯзи генерал-майор.

Абдуфаттоҳ Ҳотамов (1951), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи химия.

8 МАРТ

Давлат Сафар (1971), 55-солагии зодрӯзи Шоири халқии Тоҷикистон.

Роза Гатина (1951), 75-солагии зодрӯзи доктори илми химия.

Абдураҳмон Қаюмов (1946-1997), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

Гулнора Пӯлодова (1936), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

Ислом Юсуфӣ (1946), 80-солагии зодрӯзи шоир.

9 МАРТ

Неъмат Қарабоев (1916-1943), 110-солагии зодрӯзи ҷанговар, Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ.

Зубайдулло Шарифзода (1951), 75-солагии зодрӯзи нависанда.

11 МАРТ

Рустам Очилдиев (1956), 70-солагии зодрӯзи наворбардори кино.

Ҳакимҷон Раҳимов (1946-2004), 80-солагии зодрӯзи коргардон ва актёри кино.

Мирзобек Шарифов (1966), 60-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

Аз идора

Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?
ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!
Тел: 221-00-84

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

...

МЕФУРӮШАМ

ИНШООТ

Толори савдо, 100 м.м., қабати 1, бинои 5-ошёна, воқеъ дар н. Фирдавсӣ, к. Н. Қарабоев 84/7 фурӯхта мешавад. Тел.: 918-54-20-95

ИҶОРА МЕДИҲАМ

3-ҳуҷрагӣ, қабати 4, дар Аэропорт, назди мактаби милитсия ба иҷора дода мешавад. Тел.: 919-00-93-75

КОР ВА ХИЗМАТРАСОНӢ

Ширкати хӯрока ба намояндагони савдо, борпечон, дархостқабулкун (заявщики) ниёз дорад. Тел.: 904-47-28-29, 974-65-53-35 (ватсап)

Таъмири яхдон, кондитсионерҳо, мошинаҳои ҷомашӯй. Босифат, бокафолат. Тел.: 93-447-05-71, 917-55-05-71

Насби қубури оби гарм, ваннаҳо, унитазҳо, мошинаҳои ҷомашӯй, термекскӯ. Тел.: 918-722-822

Газовик. Тел.: 988-61-10-57

Устои брусчаткаи роҳи одамгузар. Тел.: 104232005, усто Ҳамза

Корҳои кафшергарӣ (сварка): навесҳо, перила, дарвоза, стеллаж ва ғайраҳо. Таъмири пурраи хона ва таъмири қисмҳои алоҳида. Арзон. Тел.: 919-73-56-89

Зарфҳо, пардаҳо, курпа, курпачи, қолину палос, одеял, китобҳо, телевизорҳои муосир, расмвораҳо, флягҳо, кастрюлаҳо, кондитсионерҳоро мехарам. Тел.: 903-30-83-07, 987-60-50-47, 979-14-66-22

Зарфҳо, дегҳо, балонҳои газӣ, асбобҳо, оҳанпора, коғаз, тангаҳо, нишонҳо, ҳайкалчаҳо, мошинҳои ҷомашӯй, мошинҳои дарздӯзӣ, қолинҳо, кондитсионерҳо, курпачаҳо ва пахта мехарам. Тел.: 919-29-00-07, 003-777-001, 300-03-19-33

Зарфҳо, дегҳо, балонҳои газӣ, асбобҳо, оҳанпора, коғаз, тангаҳо, нишонҳо, ҳайкалчаҳо, мошинҳои ҷомашӯй, мошинҳои дарздӯзӣ, қолинҳо, кондитсионерҳо, курпачаҳо ва пахта мехарам. Тел.: 919-29-00-07, 003-777-001

Мебел бо фармоиш: гарнитури хоб ва ошхона, чевони роҳрав (прихожие), дивану нармкурсӣ, катҳои якнафара ва дунафара. Тел.: 93-851-10-30, 93-133-44-80

КОР МЕҶӮЯМ

Рӯбучини хона. Тел.: 988-26-36-43, 555-59-21-63

Рӯбучини хона соатакӣ. Зарфшӯй дар чашну маъракаҳо. Тел.: 110-82-82-10

Рӯбучини босифат. Тел.: 931-47-17-13

Рӯбучини босифат. Тел.: 001-33-80-33

МЕХАРАМ ГУНОГУН

Репетитори забони русӣ. Тел.: 91-718-27-17

Таъмири пурраи хона аз А то Я. Арзон. Тел.: 919-10-10-18

Гачкорӣ (стяжка), обои, кафел, ламинат, гипсокартон, рангмолӣ. Тел.: 88-111-55-93

Таъмири хона, корҳои сантехникӣ, устои плита. Устои касбӣ. Тел.: 872-13-02-02, 974-28-31-28, Мирзо

Ба қисмҳо чудо кардану бандубаст ва таъмири мебел. Тел.: 917-05-77-05

МЕФУРӮШАМ ГУНОГУН

Дару тиреза пластикӣ, курпа, курпача, зарф, банка, ҳезум, гарнитури хоб, қолин. Тел.: 931-47-17-13

ЭЪТИБОР НАДОРАД

Шиносномаи техникӣ ба номи Ахмедов Махмуд Исматуллоевич, бо суроғаи н. Рӯдакӣ, ҷамоати Чимтеппа, деҳаи Ҳосилот, аз санаи 05.10.2018, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Билети донишҷӯй ба номи Саттаров Абубакр Шавкатович, ки аз ҷониби МИСИС соли 2022 дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш эътибор надорад.

Шиносномаи шаҳрвандӣ, 401435216, ба номи Хамидов Комилҷон Худойназарович, ки санаи 24.03.2017 аз ҷониби ХШБ ВКД Тоҷикистон дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Маълумотномаи №115 ба номи Иргашева Махсуда Иркабайевна, ки санаи 12.02.1982 аз ВТЭК дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Дафтари ҳавлӣ ба номи Пардаев Бобокалон Меликович, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, к. Ҳаёти нав 137/1, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Васиятнома таҳти феҳристи рақами 5М-50, ки аз 11.07.2019 аз тарафи Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Файзобод ба номи Исмоилова Мастура тасдиқ карда шудааст, аз сабаби гум шуданаш эътибор надорад.

Дафтари ҳавлӣ ба номи Джумаев Надим Додарбекович бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, к. Крупская, хонаи 27, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Билети донишҷӯй ба номи Якубова Сабина Темуровна, ки аз ҷониби МИСИС соли 2022 дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Шиносномаи техникӣ, рақами қайд №11590, ба номи Таирова Татьяна Равильевна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, к. Шевченко, хонаи 42/4, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Аттестати синфи 11, Т-АТУ №1104437, ба номи Холбозоров Бехруз Азизович, ки соли 2023 аз ҷониби МДТ "Литсейи инноватсионии Душанбе"-и назди ДТТ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Васиятнома таҳти феҳристи 9к-2049, ки аз 30.06.1989 аз тарафи Идораи 2-юми нотариалии шаҳри Душанбе аз номи Шамсутдинов Зайнутдин тасдиқ гардидааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

JOB VACANCIES

UNDP is the United Nations' global development network, an organization helping to achieve the eradication of poverty, and the reduction of inequalities and exclusion by supporting countries to develop policies, leadership skills, partnering abilities, institutional capabilities and build resilience to sustain development results. The network is active in about 170 countries and is present in Tajikistan since 1994. Our current focus in the country is on sustainable economic development, governance, building resilience to climate phenomena, developing the country's potential on green energy, and reducing the burden of HIV/AIDS.

UNDP Tajikistan is seeking to recruit:

Project Administrative Associate, Only for citizens or residents of Tajikistan (Job ID: 32058 /National Personnel Service Agreement/NPSA-7); Duty Station: Dushanbe; Deadline for applications: 16 March 2026, 23:59 New York time.

For detailed Job Description and instructions for submission of applications please visit our website https://www.undp.org/tajikistan/jobs

Online application includes filling in the online form with all the required information. Incomplete forms will not be considered for further assessment.

UNDP is committed to achieving workforce diversity. Women are encouraged to apply, as well as individuals from minority groups and persons with disabilities.

БАРҲАМ МЕХӮРАД

Кооперативи тичоратии "Бобохон Маҳтоби", РЯМ: 2010006323, воқеъ дар н. Фархор, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

Кооперативи тичоратии «РАВШАН Р», РЯМ: 3310003135, воқеъ дар н. Ҷ. Балхӣ, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

ҶДММ "Закариё Сохтмон", РЯМ: 0710013435, РМА: 070020535, санаи таъсисёбӣ 03.10.2025, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми ду моҳ қабул карда мешаванд.

Кооперативи тичоратии Суюмбек, РЯМ: 0710012050, РМА: 070002861, санаи таъсисёбӣ 03.10.2018, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми ду моҳ қабул карда мешаванд.

ТЕЛЕФОНИ ШУЪБАИ ЭЪЛОН:
(+992) **93 111 08 87**


КОНДИТСИОНЕРҲО, ЯХДОНҲО, ҚОЛИНҲО, КАТҲОИ ДУҚАБАТА, ДАРУ ТИРЕЗА, ГАРНИТУРИ ХОБ ВА ОШХОНА, ЗАРФҲО, ҶЕВОНҲО, МЕБЕЛҲО, ВАННАҲОРО МЕХАРАМ. ТЕЛ. 985-79-07-00, 883-07-07-00

КОНДИТСИОНЕРҲО, ЯХДОНҲО, ҚОЛИНҲО, КАТҲОИ ДУҚАБАТА, ДАРУ ТИРЕЗА, ГАРНИТУРИ ХОБ ВА ОШХОНА, ЗАРФҲО, ҶЕВОНҲО, МЕБЕЛҲО, ВАННАҲОРО МЕХАРАМ. ТЕЛ. 985-74-54-24, 919-30-39-32

ҶУДО

Паҳлавонони тоҷик дар мусобиқаи Tashkent Grand Slam 2026 ду нишон ба даст оварданд. Дар рӯзи аввал Эмомалӣ Нуралӣ нишони биринҷӣ гирифт ва дар рӯзи дуюм Абдуллои Ориф соҳиби нишони тило шуд.

ТИЛОИ АБДУЛЛОИ ОРИФ ВА БИРИНҶИИ ЭМОМАЛӢ НУРАЛӢ АЗ TASHKENT GRAND SLAM 2026



Тоҷикистонро дар рӯзи якуми мусобиқа Эмомалӣ Нуралӣ (-66 кг) хуб намояндагӣ кард. Ӯ дарои аввалро озод паси сар карда, дар даври дуюм Назар Вискови украиниро шикаст дод. Дар марҳилаи чахорякниҳоӣ Эмомалӣ бо намояндаи Ҷопон Шинсеӣ Хатторӣ қувваозмоӣ карда, мағлуб шуд ва дар марҳилаи тасаллобахш Роналд Лимаи бразилиро шикаст дода, дар мубориза барои нишони биринҷӣ Аккоглӣ Валериои итолиёвиро ноком кард. Ин сеюмин нишони Эмомалӣ дар мусобиқахои Гранд Слами Тошканд ба ҳисоб меравад. Солҳои 2023 ва 2024 дар Тошканд Эмомалӣ ба гирифтани нишони тило ноил шуда буд.

Дар ин рӯз Меҳрзод Сурфиев (-60 кг) то ба дар даври тасаллобахш рафт ва аз Мичел Августои бразилӣ ноком шуда, макоми панчумро гирифт. Муҳаммадсолеҳ Қуввватов (-60 кг), Обид Чебов (-66 кг), Мадина Қурбонзода (-52 кг), Ахлия Муъминова (-48 кг), Кан Александра (-57 кг) ноком шуданд.

Дар рӯзи дуюм паҳлавони тоҷик Абдуллои Ориф дар аввалин иштирок дар мусобиқахои сайри чахонии чудо соҳиби нишони тило шуд. Ӯ дар вазни то 73 кг рақобатҳоро дар даври дуюм оғоз карда, батшоев ҳам ба футболи Малайзия рафт. Ӯ ҳам бо дастаи «Терангану» шартнома баст. Ду бозигари дастаи мунтахаби Тоҷикистон дар як дастаи Малайзия бар нафъи футболи тоҷик аст, зеро футболбозон тачрибаи мухити дигарро ба даст меоранд.

Ниммухофизаттаг Алишер Шукуров ба дастаи «Қизилқум»-и Ӯзбекистон гузашт. Ба чемпионати ин кишвар рафтан боис мешавад, ки Шукуров тарчибаи бештари бозӣ касб кунад.

Ҳамлавари дастаи мунтахаб Шахром Самиев ба дастаи «Ал-Карма»-и Ироқ гузашт. Шартномаи ӯ то 31-уми декабри соли 2026 баста шудааст.

Дар ин рӯз Абубакр Бокиев (-81 кг), Сомон Маҳмадбеков (-81 кг) ва Масъуди Аҳмадзод (-73 кг) ноком шуданд.

Дар рӯзи охири мусобиқа Умар Расулов (-90 кг), Музамир Каримзода (-90 кг), Парвиз Абдурахмонов (-100 кг), Бахтовар Бобохонов (-100 кг), Некрӯзшох Некбахтзода (+100 кг) ва Виктория Киселёва (+78 кг) ба нокомӣ дучор шуданд.

ФУТБОЛ

Дар равзанаи зимистонии соли 2026 якбора чанд футболбози тоҷик тасмим гирифтанд, ки фаъолияти худро дар клубҳои хориҷӣ идома диҳанд, аммо аксари онҳо дар Осиё бозӣ мекунанд.

БОЗИГАРОНИ ДАСТАИ МУНТАХАБИ ТОҶИКИСТОН ДАР КЛУБҲОИ ХОРИҶӢ



Пурсарусадотарин трансфери ин мавсим гузаштани ҳамлавари дастаи мунтахаби Тоҷикистон Шериддин Бобоев ба дастаи «Макассар» аз Индонезия буд. Барои Бобоев ин аввалин таҷрибаи бозӣ дар хорича нест. Вай пештар дар футболи кишварҳои Малайзия, Қазоқистон ва Эрон бозӣ кардааст.

Нимухофизаттаг Эҳсони Панҷшанбе фаъолияташро дар дастаи «Терангану» аз Малайзия идома медиҳад. Ин нишонаи он аст, ки футболбозони тоҷик ба футболи Осиёи ҷанубу шарқӣ роҳ пайдо кардаанд.

Ҳамлавар Шервонӣ Маҳмадалӣ Ҷӯшуа Грини ирландӣ ғолиб омад ва дар марҳилаи ҳаштякниҳоӣ Ҳоҷиакбар Тошеви ӯзбекро шикаст дод. Дар даври чахорякниҳоӣ Абдулло бар Арун Кумари ҳиндӣ ғолиб омада, дар марҳилаи нимниҳоӣ бар Ҷованнӣ Эспositои итолиёӣ зафар ёфт. Дар финали мусобиқа Абдулло бо чудокори ботачрибаи мизбон Шахром Аҳадови ӯзбек нерӯсанчӣ карда, дар вақти тилой пирӯзӣ ба даст овард.

КИБЕРФУТБОЛ

Дастаи мунтахаби футболи электронии Тоҷикистон бори аввал дар мусобиқаи байналмилалии FIFAe Nations League, ки марҳилаи калидии интихобӣ ба қисми ниҳоии FIFAe World Cup 2026 ба ҳисоб меравад, иштирок хоҳад кард.

ДАСТАИ МУНТАХАБИ ТОҶИКИСТОН ДАР FIFAE NATIONS LEAGUE



Тибқи иттилои FIFA, 120 кишвар дар марҳилаи интихобии FIFAe 2026 ширкат мекунанд. Ин шумораи рекордӣ дар таърихи мусобиқаҳои FIFAe ва бузургтарин мавсими мусобиқаҳои варзиши электронӣ дар сатҳи дастаҳои миллӣ мебошад.

Дастаи футболи электронии Тоҷикистон дар ду намуди eFootball - eFootball™ Console ва eFootball™ Mobile ширкат мекунад. Иштирок дар харду категория ба бехтарин намояндагони варзиши электронии кишвар имкон медиҳад, ки маҳорати худро дар сахнаи байналмилалӣ нишон диҳанд.

Марҳилаи интихобӣ як сол давом мекунад ва аз чанд давра иборат аст:

- FIFAe Nations League - мусобиқаи асосӣ барои дастаҳои миллӣ.
- Мусобиқаҳои интихобии қитъавӣ.
- Қисми ниҳоии FIFAe 2026, ки дар он қавитарин дастаҳои чаҳон рақобат мекунанд.

РЕЗААХБОР



Клуби футболи «Эсхата» дар бораи таъйин шудани Фаррух Марофиев ба вазифаи сармураббии даста расман хабар дод. Марофиев дар «Хуҷанд» дар вазифаҳои ёвари сармураббӣ, сармураббӣ ва инчунин директории ичроия кор кардааст. Инчунин, ӯ дар ҳайати ситоди мураббиёни дастаҳои мунтахаби олимпӣ ва миллии Тоҷикистон ба ҳайси мураббӣ-тахлилгар фаъолият бурда, бо дастаҳои мунтахаби чавонони U23, U20 ва U17 низ кор кардааст.

***

Футболбози 35-сола Манучеҳр Ҷалилов корномаашро чамъбаст кард. Ҷалилов бехтарин нишонзани тими милли Тоҷикистон бо 20 гол буда, 5 маротиба нишонзани бехтарини Лигаи олӣ, бехтарин футболбози Тоҷикистон дар солҳои 2015, 2016, 2022, 2024 ва бехтарин бозигари Ҷоми КФО-2017 эътироф шудааст. Ӯ дар ҳайати "Истиқлол" чандин мавсим чемпион шуда, дар дастаҳои "Локомотив-2", "Горняк-2", "Нефтехимик", "Шривичая", "Персебая" бозӣ кардааст.

***

«Истиқлол» аз имзои шартнома бо дарвозабони нав Денис Кавлинов хабар дод. Ин дарвозабон, ки қадаш 190 см аст, тарбиятёфтаи академияи КФ «Краснодар» аст. Ӯ дар чемпионатҳои Русия, Беларус ва Қазоқистон бозӣ кардааст. Охирон дастаи Денис тими «Жетису» буд. Дар феҳристи корномаи Кавлинов 215 бозӣ, аз чумла 64 бозии бе дарёфти гол сабт шудааст. Шартнома бо дарвозабони нав то 30-юми ноябри соли 2026 ба имзо расидааст.

***

«Хуҷанд» аз имзои шартнома бо бозигари фаронсавӣ Рашад Муҳаммад эълон кард. Шартнома бо ҳамлавари 32-сола барои як сол баста шудааст. Рашад дастпарвари футболи ПСЖ аст. Дар дастаҳои кишварҳои Белгия, Норвегия, Туркия, Арабистони Саудӣ бозӣ кардааст. «Хуҷанд» барои тачриба ва суръати болояш ин футболбозро ба ҳайаташ даъват кардааст.

***

Ҳайати "Равшан" бо капитани дастаи мунтахаби олимпӣ ва узви тими миллии кишвар, дифъатгари марказӣ Мехрубон Каримов пур шуд. Шартнома бо футболбози 22-сола барои як мавсим аст.



ЗАБОНРО ДАР КУҶО ОМӮЗАМ?

Китоби шеърҳои Салимшо Ҳалимшоро дар ҷаласаи Иттифоқи нависандагон ба муҳокима гузоштанд. Ҳар кас ҳар чӣ гуфт ва аз ҷумла, устод Муъмин Қаноат эрод гирифт, ки забонаш суст аст.

Ин суҳани Муъминшо ба Салимшо сахт расид, ки дар поёни ҷаласа асабонӣ гуфт:

- Муъминшои азиз, охир, ба кор биёям, ҷаласаҳои мо ба русӣ гузаранд, бозор равам, мардум ба ӯзбекӣ гап зананд, ба хона равам, занам маро ба шуғлонӣ ҳакорат кунад, аз рӯйи инсоф бигӯед, ки забони тоҷикиро дар кучо омӯзам?!

БЕАҚЛӢ

Рӯзе дар кӯча устод Салимшоро дучор омадам. Табъаш хеле хуш буд. Сабаб пурсидам. Гуфт:

- Нафақа гирифтам.

- Чи кори хубе,- гуфтам ман,- акнун зиёфат мехӯрем гӯй.

- Не, ман дар умрам ин хел беақлӣ накардаам ва нахоҳам кард,- гуфт бо қатъият Салимшо.

КОРИ НОХУБ

Шоир Салимшо Ҳалимшоро дар шиносномаи «Салимшоев Салимшо» ном аст. Чанд шеърашро дар газетаи «Тоҷикистони советӣ» чоп карданд ва имзоияшро «Салимшоҳ Ҳалимшоҳ» ниҳоданд. Ҳамкорон хонданд, табрикаш карданд ва хостанд андешаи ӯро бидонанд. Салимшо гуфт:

- Кори хубе нашуд, акнун занам ҳам номамро талаффуз карда наметавонад.

ДУОИ САЛИМШО

Шоир Салимшо Ҳалимшо аз пеши хонаи ҳамсояаш мегузашт. Писараки хурдсоле пеши дари хонааш нишаста буд, бо камоли одоб ба устод салом гуфт ва ба хона даъват кард. Салимшо пурсид:

- Ту писари кистӣ?

- Писари фалон шоир.

- Кош ҳамин ақлатро падарат медошт,- гуфт Салимшо ва роҳашро давом дод.

Ато МИРХОҶА

ХАР

Корманди БДА мошинеро, ки ронандааш зан аст, манъ мекунад. Зан тирезаро кушода, ба нозир ҳуҷҷатҳояшро дароз карда, боодобона мегӯяд:

- Рӯз ба хайр!

Ҳамин дам садои кӯдакона аз нишастгоҳи акиб баланд мешавад:

- Оча, хари гуфтагиатон дар кучо аст?

НАФАҚА

Марди калонсоле мегӯяд:

- Мегӯянд, ки агар инсон дар ҳаёт ҳадаф дошта бошад, умри дароз мебинад.

Аз ӯ мепурсанд:

- Шумо чӣ ҳадаф доред?

Мард:

- Ман аз фонди нафака касос гирифтан мехоҳам.

МОҶАРО

Дар байни кӯча ду нафар бо ҳам муноқиша мекунанд. Марди якум мегӯяд:

- Гӯсфанд!

Марди дуюм дар ҷавоб:

- Ҳудат гӯсфанд!

Рохгузаре ҷанҷоли онҳоро шунида, мегӯяд:

- Модоме ҳардуятон хешу табор бошед, чаро мочаро мекунед?

Савол

Харидор мехоҳад ба асаби кассоб расад:

Харидор:

- Ин гӯшт дар зинда буданаш “Мияв” мегуфт ё “Вов-вов”?

Қассоб:

- Ин гӯшт дар вақти зинда буданаш ҳар хел савол медод!

ШОНС

Омӯзгор ба талабаҳо мегӯяд:

- Нафароне, ки баҳои 5 ва 4 мегиранд, ба биҳишт меравандду касе баҳои 3 ва 2 мегирад, ба дӯзах меафтад.

Талабае аз партаи қафо мегӯяд:

- Муаллим, шонси мактабро зиндаву саломат хатм намудан вучуд дорад?

БЕМОР

Зан ба шавҳар:

- Мардак, дар ёдат ҳаст, вақте бемор шудӣ, бароят шӯрбо пухтам?

Шавҳар:

- Не, занак, ту аввал шӯрбо пухтӣ, баъд ман бемор шудам!

МОР

Зан аз шавҳар мепурсад:

- Мардак, ту намедонӣ, ки ҳамин морҳо чанд сол умр мебинанд?

Мард дар посух:

- Ҳа, бемор шудӣ чӣ?

МИЁН

Нафаре ба духтур шикоят мекунад:

- Духтур, ҳар субҳ вақте аз хоб мехезам, миёнам дард мекунад.

Духтур:

- Ин тавр бошад, саҳар неву нисфирӯзӣ аз хоб хезед.

МАОШ

Зулайхо аз модараш мепурсад:

- Модарчон, чаро замин мечунбаду осмон не?

Модар:

- Ҳар вақте ки дадот маош мегирад, осмон аз замин ҳам сахттар мечунбад, духтарчон!

ДУБАЙ

Мард ба дӯсташ мегӯяд:

- Бехтарин лаҳзаҳои умрам марбут ба сафари Дубай аст.

Дӯсташ дар ҷавоб:

- Бах-бах, Дубай рафтӣ?

Мард мегӯяд:

- Не, порина занам рафта буд.

Таҳияи Н. РАҶАБОВА

Сканворд

